**Сайёфи Мизроб**

# ТЕРРОРИ ҒУРУР

**Душанбе – 2016**

**ББК –**
**С –**

**Террори ғурур, публитсистика, Душанбе, 2016, саҳ.120**

«Террори Ғурур» китоби саввуми Сайёфи Мизроб аст, ки чун кутуби қаблӣ даъват ба хештаншиносӣ, миллатпарастӣ, ҳифзи дастовардҳои давлати Тоҷикон, поси Ғурур, Нанг, Ор, Шараф ва Номуси миллӣ мекунад. Хонанда аз ин баҳри пурсадаф барои худ бисёр гавҳари носуфта мебардорад. Мо Метавонем!

**ISBN**

**© Сайёфи Мизроб, 2016**

# ПЕШГУФТОР

Инсони дурандеш ҳам, ки пешомадашро намедонад, роҳи эҳтиётро пеш гирифта, кӯшиш мекунад, ки дар ҳар қадам аз пояш гард не, сабза бихезад. Сайёфи Мизроб низ дар ин радиф аст. Мехоҳад, ки умри нотакрорро сарфи хидмати халқу Ватан карда, аз худ номи нек ба ёдгор гузорад.

Аз он рӯзе, ки ӯро мешиносам, дар нигоҳ чеҳрааш бетағйир аст, яъне ин бозгӯи дидори нек ва соҳибдилист. Вале ин мард ботинан хеле дигар гаштааст, пухта, донишманд, инсони комил, ҷаҳонфаҳм, худшинос ва монанди инҳо. Мардест, ки дар ҳуҷрае нишаста, чашм аз коғазу қалам намегирад. Гоҳо аз фараҳмандӣ ва гоҳе аз мустамандӣ сухан гуфта, худро дар шодию ғами халқи азизаш шарик медонад. Ватан ва номбардоронашро ситоиш карда, сиёсати имрӯзаи Пешвои миллатро ҷонибдорӣ менамояд. Сайёф мехоҳад, ки дар баланд шудани рӯҳияи ватандорию худшиносии мардум саҳм бигирад. Ва бо умеди иҷрои амалҳои нек, зери шиори махсуси хеш «Мо метавонем» қадам ниҳода, гоҳо роҳи ҳалли ҳатмии баъзе мушкилотро, ки дар он қисмати фардои халқу

диёр нуҳуфтааст, ба мардум ёдрас мекунад. Яъне, баъзе гиреҳҳои риштаи ҳастиро кушода, пойи андешаҳои хуфтаро бедор менамояд.

Маҳз ҳамин ҷиҳат аст, ки аксари офаридаҳои пурзаҳмати Сайёф китоб шудаанд, ки аз пайи қаламу дарду алами эшон ҳикоят мекунад. Сайёф инчунин бисёр ҳикояҳо навиштааст, ки хонданбобанд. Яъне Сайёф ҳам журналисти ҳунарманд ва ҳам нависандаи хушзавқ аст.

Ин ҳама ҳарфҳои дил, ки аз дилу дида ба рӯи саҳифа рехта, хат мешаванд, дар нигаҳи хонанда рӯдеро мемонад, ки аз ашкҳо сарчашма мегирад аз зиндагиномаи як инсони ҳамдарду ҳамқисмат, инсоне, ки бар аҳд чаҳд дорад, ба ёрони хеш вафодор аст, ҳикоят мекунад.

***Марде, ки ҳавои хотири ӯ соф аст,***
***Як умр қадамзан ба раҳи инсоф аст.***
***Дар олами нармиву навозишсорӣ,***
***Яктост, агарчӣ номи ӯ Сайёф аст.***

Муҳаммад Ғоиб

* * *

# НОМА БА ҲАМСОЛАМ ДМИТРИЙ МЕДВЕДЕВ…

**Салом, Дмитрий Анатолевич!**

Ман аслан ба ягон президент ва дар ягон давра номае нанавиштаам, аммо ба ту менависам. Зеро фикр дорам, ки ҳуқуқ дорам, ба ту, ҳамчун ҳамсол ва муҳимтар аз ин аъзои 1 команда-тими сиёсии Анатолий Александрович Собчак нома нависам:

Ман низ чун ту Университети давлатии ордени Ленин ва ордени Шарафи Меҳнати доштаи ба номи Ждanови Ленинград (Санкт-Петербург)-ро хатм кардаам. Ман низ чун ту дар 2 маъракаи муҳиму тақдирсоз барои Русия ва Тоҷикистони соҳибистиқлол ширкат кардаам ва мо ҳар 2 дар ин 2 маърака аъзои 1 тим будем ва ба 2 нафаре овоз додем, ки таърихро дигар карданд. Яъне дар интихобот ба Шӯрои Олии СССР ба ҷонибдории Анатолий Собчак (1989) ва дар интихоботи нахустин президенти Русия ба тарафдории Борис Николаевич Елтсин (1991).

Ман ёд дорам, ки чигуна аспирант ва муаллими факултаи ҳуқуқ, Дмитрий Медведев бо амри виждон, шахсан худаш, пои пиёда гашта, тоблуҳои таблиғотии Анатолий Собчакро дар кӯчаву хиёбонҳо, шаҳраки донишҷӯён мечаспонид. Ин худфидоӣ барои ақида мо-

ҳамсолонатро ба ваҷд меовард. Зеро кам муаллимеро дидаем, ки бо ин хоксорӣ тоблуву шиpеш бардошта, аз номзадии вакилаш пуштибонӣ мекард. Ман низ чун ту аз лексияҳои ҳуқуқии Анатолий Александрович баҳра бардоштаам ва муҳимтар аз ин дар шабнишиниҳои инқилобӣ-ҳуқуқии Собчак дар маъракаи интихоботӣ ва пас аз он низ ширкат доштаам. Шояд ёд дорӣ, ки ӯ дар ошёнаи 15, хобгоҳи Донишгоҳ, кӯчаи Кораблестроителей, толори 1502 чӣ мегуфт? Мегуфт, ки давлат ба ҳуқуқшиносони воқеӣ ниёз дорад; мегуфт, ҳуқуқи ҳама миллатҳо бояд баробар бошад; мегуфт, ки мо ҳама ҳуқуқҳои инсонии худро бояд ҷамъу гирд оварда, ҳифз кунем. Ваъда дода буд, ки командаи ӯ намегузорад, ки ҳатто ҳуқуқи 1 одам дар сартосари СССР поймол гардад. Ӯ инро аз номи ту ҳам мегуфту аз номи ман ҳам. Зеро ман ҳам ба ӯ овоз дода будам ва ту узви ин команда будӣ! Вале имрӯз чӣ дидам, Дмитрий? Ваъдаи амалкарди тавозун ва зиддитавозунӣ (симметричный и асимметричный) аз забони ҳуқуқшинос ва президент!

**Дмитрий Анатолевич!**

Ба ман ҳамчун дилетанти ҳуқуқӣ фаҳмонед, ки чигуна шуда, ҳуқуқшиноси маъруф, яке аз 3 муаллифи китоби дарсии «Ҳуқуқи гражданӣ» ва шогирди содиқи ҳуқуқшиносе, ки муаллифи аслии Конститутсияи Русия аст (А.А.Собчак, С.С.Алексеев ва С.М.Шахрай), тавозуни адлу

инсофро канор гузошта, думболаи эҳсосот рафтаву бо «шарики стротегӣ» ба ҷанг пардохтааст? Фарқ байни ҳуқуқшинос Жириновский ва ҳуқуқшинос Медведев дигар дар куҷост, а, Дмитрий?

Тоҷикон, ҳамонҳое, ки зиддаш шӯридаӣ, мисраъи хубе офаридаанд, ки умедворам муаллифашро медонӣ: «Мардӣ набувад фитодаро пой задан!». Ҷанг бо чанд гастербайтери пойлуч ва беҳуқуқ аз рӯи инсоф нест ва пирӯзӣ дар ин «набард» бар шарафи касе наафзудааст. Инро ҳамчун ҳамфикр ва ҳамақидаи собиқ мегӯямат, на чун Тоҷик ва ё Рус; мову ту ҳомосоветикус ҳастем ва 1 тарбия гирифтаем; ҳам дар мактаби миёна, ҳам дар Донишгоҳ ва ҳам дар тими инқилобии Собчаку Елтсин. Тарбияи фарҳангиамон низ якест. Ман умре фахр доштам, ки парвардаи фарҳангу култури Петербургам. Мегуфтам ва ҳанӯз ҳам мегӯям, ки танҳо сайру гашти Питер ва сӯҳбат бо кампиракони блокадаи Ленинградро пасисаркарда, 1 ҷаҳон дарси одамгариву башарпарварӣ дорад. Воқеан ҳам, Дмитрий, ин тобистон дар шаҳри ҷавониамон будам ва бо чашми сар дидам, ки петербургиҳо то ҳанӯз аз наҷотбахшони худ дар «Блокадаи 900-рӯза» чигуна арҷ мегузоранд. Дар Петергофф нархи билет барои андозсупорандагони ФР ва шаҳрвандони СНГ 2 карат арзон аст. Ягона шаҳр дар Русия, ки шаҳрвандони СНГ, собиқ давлатҳои шӯравиро барои хидмати бобоҳошон

дар ҶБВ ва ҳифзи Ленинград фаромӯш накардаанд.

Воқеан ҳам, Дмитрий Анатолевич, дар бораи ин Блокада низ бояд сӯҳбат кард. Зеро то ҷое ман медонам, соате ки тағои ман-Носир Раҷабови 18-солаи балҷувонӣ дар ин ҷода 17 тирпораи снаряд хӯрда, ба хуну хок олуда, «За Ленинград!» гуфта ҷон медоду Тӯйчӣ Эрйигитови 22-солаи аштӣ амбразураи пулемёти фашистони истилогарро дар деҳаи Смердиняи ноҳияи Тосненскои Ленинград бо бадан мепӯшонид, модару момои ту дар Сталинобод охирин кулчаи момову модари маро бо ҳам ноништа мекарданд. Момаи мо ҳич вақт дар фикри амалкарди симметричный ва асимметричный дар нисбат ба момаи ту набуд, ҳарчанд 9 кӯдакаш нон гуфта, фавтидааст. Дидӣ, Дмитрий, ки мо чигуна наздик будему чигуна дур шудаем?

Дмитрий, Носиру Тӯйчии қаҳрамон айнан дар ҳамин синну соле барои Ленинград-шаҳри ҷавонии ману ту ҷон бохтанд, ки ҳамсолони Тоҷикашонро пулиси рус ин шабу рӯз облава карда, пои лучу сари луч дар кӯчаҳои Маскав-дили собиқ Империяи шӯравӣ байни барфу борон медавонад; сӯи КПЗ. Барои чӣ? Барои сарнавишти 1 ҳавонаварди марзшикан ва 2 самолёти Ан-72, ки моли ширкати Амрикост???

Дмитрий Анатолевич! Ёдат ҳаст, ки Собчак-лидери сиёсии мо-ҷавонони питерӣ, мегуфт, ки набояд сиёсатмадор бо эҳсоси миллатҳо бозад, ки ҳарчанд пирӯзии зудрас меоварад, вале

шикастҳои ногузир дар пай дорад; ба вежа барои кишваре, ки таърихан сермиллату бисёр конфессионалист.

Тамом вассалом!

(СССР, №167, 15.11.2011)

* * *

## ОТКРЫТОЕ ПИСЬМО МОЕМУ СВЕРСТНИКУ, ДМИТРИЮ МЕДВЕДЕВУ

**Здравствуй, Дмитрий Анатольевич!**

Я никогда и никакому президенту не писал ни одной строчки, но тебе я напишу. Потому что я пишу тебе это письмо как своему сверстнику и, важнее всего, как члену одной команды - политического клуба Анатолия Александровича Собчака и, думаю, имею на это полное право.

Я тоже, как и ты, окончил Ленинградский ордена Ленина и ордена Трудовой славы Государственный Университет имени Жданова (ныне Санкт-Петербургский госуниверситет). Я тоже, как и ты, участвовал в двух судьбоносных (как для России, так и для независимого Таджикистана) политических кампаниях. Мы оба во время этих кампаний были членами одной команды и голосовали за двух кандидатов, которые изменили историю:

-на выборах в Верховный Совет СССР - за Анатолия Собчака (1989 г.) и на выборах президента России - за Бориса Николаевича Ельцина (1991 г.).

Я помню, как молодой аспирант и преподаватель юридического факультета Дмитрий Медведев, по зову совести, лично сам, ходил по студенческому городку пропаганди-

ровать кандидатуру Собчака и на площадях клеил плакаты и листовки в поддержку Анатолия Александровича. Это самопожертвование за идею и ради идеи вдохновляло нас – твоих сверстников. Я тоже, как и ты, слушал лекции Анатолия Собчака на правовые темы и присутствовал на революционно-юридических вечеринках Собчака.

Может, ты помнишь, что он сказал на 15-м этаже университетского общежития по ул. Кораблестроителей в зале № 1502? Он говорил, что Государство нуждается в истинных юристах; сказал, что все нации должны быть равноправными; сказал, что мы, объединяясь, должны уважать права людей и национальностей и защищать их.

Он говорил все это и от твоего имени и… от моего имени тоже. Поскольку и ты, и я были членами его команды!

Но, сегодня что я слышу, Дмитрий Анатольевич? Обещания симметричных и асимметричных действий из уст юриста и президента?

**Дмитрий Анатольевич!**

Объясни, пожалуйста, мне, юристу-дилетанту, как так получилось, что знаменитый юрист, один из трёх авторов учебника «Гражданское право», преданный ученик и последователь настоящего автора действующей Конституции Российской Федерации

(А.А.Собчак, С.С. Алексеев и С.М.Шахрай), минуя законы справедливости, поддался эмоциям и вступил в «холодную войну» со «стратегическим партнером»? Где теперь грань между юристом Жириновским и юристом Медведевым?

Таджики, против которых ты «восстал», сочинили следующую строку: «Бить павшего - не мужское дело». Надеюсь, автора ты знаешь - великий Рудаки, поэт и мыслитель.

«Война» с бесправными гастарбайтерами из Таджикистана и тем более «победа» в этом «поединке» никому не прибавит славы. Это я говорю тебе как твой бывший соратник и единомышленник, а не как представитель таджикской нации или русской культуры. Потому что мы с тобой, как любили говорить в наше время, являемся гомосоветикусами; мы получили одинаковое воспитание и в школе, и в университете, и в революционной команде Собчака и Ельцина. И нравственное воспитание у нас одинаковое, хотим мы оба этого или нет.

Я всегда гордился и горжусь тем, что являюсь воспитанником великой, народной, культуры Санкт-Петербурга.

Я говорил и буду говорить, что только прогулки по вечернему Питеру и безвинные беседы со старушками, пережившими ужасную трагедию - Ленинградскую блокаду, оставляют неотразимый отпечаток русской наивной мудрости, простоты душевной, миролюбия и

гуманизма на всю оставшуюся жизнь любого гостя!

Кстати, Дмитрий Анатольевич, летом этого года я был в городе нашей молодости. И своими глазами видел, как петербуржцы, пережившие 900 дней страшной фашистской блокады, до сих пор с благодарностью помнят своих освободителей из стран СНГ. Я убедился в этом, когда посещал Петродворец. Цена билета в Петергоф «для налогоплательщиков РФ и граждан стран СНГ» была в два раза дешевле, чем для других иностранцев. Санкт-Петербург - это единственный город в России, где помнят и ценят заслуги предков граждан СНГ, их вклад в Великую Победу над фашизмом, в том числе и в защиту блокадного Ленинграда.

**Дмитрий Анатольевич!**

О блокаде, кстати, надо говорить отдельно. Когда мой 18-летний дядя-таджик, Носир Раджабов из горного Бальджувана, получив 17 осколочных ранений в битве за Ленинград, в последние мгновения своей жизни кричал во весь голос: «За Родину! За Ленинград!», и когда 22-летний Туйчи Эрджигитов из другого горного, Аштского, района Таджикистана своим телом закрывал фашистскую амбразуру в селе Смердыня Тосненского района Ленинградской области, то в городе Сталинабад (ныне Душанбе) моя бабушка с мамой делили свою последнюю

кулчу (лепёшку) с твоей мамой и бабушкой, которые были эвакуированы в тыл. Моя бабушка с мамой тогда и не думали принимать асимметричные меры против твоей родни...

Видишь, Дмитрий Анатольевич, как мы были близки раньше и как мы теперь удалились друг от друга?

**Дмитрий Анатольевич!**

Упомянутые Носир Раджабов и Герой Советского Союза Туйчи Эрджигитов погибли за Ленинград именно в том возрасте, в котором находятся те таджики, которых выдворяют из Питера и Москвы. В колыбели русской цивилизации и в самом сердце бывшей Советской империи полиция устраивает на них облавы и беспощадно гонит их по снежным улицам городов и районов - в КПЗ…

**Дмитрий Анатольевич!**

Помнишь, наш политический вдохновитель и лидер Собчак постоянно твердил, что политик не должен играть на этнических чувствах нации. Потому что, говорил он, хотя эта игра приводит к быстрому успеху, но обязательно за ней стоит неизбежное поражение. Особенно в стране, которая является многонациональной и много конфессиональной.

Помнишь, Дмитрий, его слова?..

**С наилучшими пожеланиями и искренним уважением, Сайёфи МИЗРОБ (Достиев С.М.), выпускник факультета журналистики ЛГУ им Жданова, журналист**

**Ноябрь 2011 года**

## PS: «ДЕЛО ЛЕТЧИКОВ»

**Не мало воды утекло когда было написано это письмо. И считаем нужным прокомментировать ситуацию для читателя:**

**Дело об аресте лётчиков в Таджикистане** возникло в марте 2011 года, когда два транспортных самолёта Ан-72 российской авиакомпании Rolkan Investments Ltd (зарегистрирована в офшоре на Виргинских островах), арендованных компанией из ОАЭ *Aerospace Consortium* по контракту с грузинской *Supreme Food*, вылетели из Кабула (ввиду истечения контракта лётчикам необходимо было покинуть стояночную территорию) в аэропорт города Курган-Тюбе (80 км к югу от Душанбе). Командирами экипажей были Владимир Садовничий (гражданин России) и Алексей Руденко (гражданин Эстонии). Они незаконно пересекли воздушное пространство и были задержаны в аэропорту города Кургантюбе.

Суд над Садовничьим и Руденко начался в октябре 2011 года. Прокурор требовал назначить им 13 лет лишения свободы. 8 ноября 2011

был вынесен приговор. Лётчиков российской авиакомпании осудили на 8,5 лет <u>колонии строгого режима</u>.

Через 8 дней, 14 ноября президент России Дмитрий Медведев призвал своего таджикского коллегу к диалогу по вопросу по «делу лётчиков». Он заявил, что «*решение по этому делу вызывает большое количество вопросов — как с точки зрения самого состава преступления, так и с точки зрения того, как этот процесс проходил*» и пригрозил принять в отношении Таджикистана меры, в том числе «асимметричные».

**Тогда и началась, в городах РФ, охота на ведьм-задерживали, арестовывали таджикских бесправных гастарбайтеров и гоняли их толпами по холодным улицам Москвы и Петербурга. Именно в те дни и главный редактор газеты СССР написал это открытое письмо президенту РФ...**

Через несколько дней после вынесения приговора было задержано порядка 300 граждан Таджикистана, работавших в городах России. 11 ноября директор ФМС РФ Константин Ромодановский объявил о высылке из России 100 таджикских граждан, незаконно находящихся в России. 10 ноября в Москве за нарушение миграционного законодательства были задержаны ещё 134 гражданина Таджикистана. СМИ связали эти факты с делом Садовничего и Руденко, однако на пресс-

конференции по итогам саммита АТЭС президент РФ Дмитрий Медведев прокомментировал высылку таджикских граждан за миграционные нарушения так: «*Я считаю, что это нужно делать не периодически, а постоянно. Я считаю, что это просто совпадение*». Также у трудовых мигрантов из Таджикистана начались проблемы с получением разрешений на работу в РФ. Главный государственный санитарный врач России Геннадий Онищенко заявил, что у трудовых мигрантов из Таджикистана якобы выявляют много случаев заболевания ВИЧ-инфекцией и туберкулёзом и «*естественным в данном случае выходом может стать рассмотрение вопроса о полном запрете на использование трудовой миграции из этого государства до решения вопроса о создании там хотя бы минимальных условий здравоохранения*». К претензиям Роспотребнадзора добавилось (с 21 ноября) и недовольство Россельхознадзора — там были озабочены качеством сельскохозяйственных продуктов из Таджикистана...

17 ноября генеральный прокурор Таджикистана Шерхон Салимзода заявил: «*С учетом исключительности данного случая и исключительности обстоятельств, судебный приговор пилотам Rolkan будет в значительной мере смягчён судом вышестоящей инстанции*». В это же время Федерация мигрантов России сообщила, что в Москве и российских регионах прекратились

адресные рейды по проверке мигрантов-таджиков: в последние дни не поступило ни одной жалобы (всего же, по данным Федерации, с середины ноября было задержано около полутора тысяч человек).

22 ноября кассационной комиссией срок лишения свободы Садовничего и Руденко был уменьшен до 2,5 лет, а затем ещё на два года по действующей в Таджикистане амнистии. Оставшиеся полгода лётчики, задержанные в марте 2011-го, уже отбыли во время предварительного заключения и поэтому они были освобождены в зале суда. 24 ноября 2011 года освобождённые пилоты вернулись домой.

* * *

# ШОВИНИЗМ ВА МИЛЛАТ

8.01.2014 дар баҳсе сари мавзуъи «Ватан ва ифтихори ватандорӣ», ки дар Китобхонаи миллӣ баргузор шуд, намояндаи мардумие аз Маҷлиси намояндагон гуфт: «Қонуне бояд қабул кард, то он, яъне қонун, аз шовинизми миллӣ садд гузорад»…

Ба ӯ гуфтаму ба ту ҳам, хонандаи ин сутур, хоҳам гуфт, ки бадбахтии №1 барои миллати монабуди «Шовинизм» аст. Мо дар таркиби миллати хеш ақаллан 1% шовинист надорем! Ҳол он ки барои миллат шудан, бояд ҳадди ақалл 10-15% афроди дилхоҳ миллат шовинист бошанд!

Гузашта аз ин, шовинистони мо бояд мисли Жириновский ҳатман ба палатаи поёнии парлумон шомил шаванд. Шояд бас аст, парлумонро сирф кисагиву тарсуӣ кардан? Зеро танҳо дар ин сурат, онҳо, яъне шовинистон метавонанд зидди сарбуррии миллат, таҳқиру дашноми миллат ва табъизу фишори миллат дар Русия ва дигар кишварҳои ҳамсуд, дар парлумон садо бароранд. Вале чун шовинисте дар ин маҷлис надорем, миллати моро сар мебурранду қатлу ғорат мекунанд, таҳқир месозанду ҳатто дар хонааш мекушанду гаравгон мегиранд ва ҳама хомӯш аст! Зеро барои оне, ки хуни шовинистӣ надорад, марзу буми кишвару

давлаташ дар чаҳорчӯбаи 4 пояи курсии таки пои ӯ ҳаллу фасл мешавад. Барои депутати шовинист бошад, манофеи миллат аз манфиатҳои писару духтараш андаке болотар меистад.

Рӯиҳамрафта, мо бояд ҳатман дар ҳайъати садорати ҳукумати кишвар чанд шовинисте дошта бошем; ба монанди Рогозин-муовини сарвазири Русия ва Онишенкои урус, ки дар сурати лозима тавонанд, ба туалетҳои вагони миллате дохил шудаву аз манофеъи миллати худ ҳифз кунанд.

Ҳоло ман Русияро мисол меорам, ки ба мо наздиктар асту мо аз мавҷудияти шовинистонаш ба дурустӣ дарак дорем. Дар Аврупову Амрико низ ингунаҳо кам нестанд! Ба гунаи мисол, дар Фаронса имрӯз ё фардо ҳизби шовинистон сари қудрат меояд. Юнон (Гретсия) аллакай дар дасти шовинистон аст. Ва агар касе намедонад, Силвио Берлускони шовинисти гузарост, ки солҳои тӯлонӣ сарвазири Италия буд. Дар Шветсияву Дания кайҳо шовинистон ҳукм меронанд. Ба гунаи мисол, бе донистани забони давлатҳои мутараққитарини аврупоӣ ба нафаре шаҳрвандӣ намедиҳанд! Бигзор ту 100 карат академику доктори илм ҳам бошӣ, то 80% забони онҳоро надонӣ, дарҳои ин кишвар абадан ба рӯят бастаанд! Ин дар ҳолест, ки ба гунаи мисол, мо-Тоҷикон 70% забони модарии худро намедонем. Шветсия умуман боиси тақлид аст. Дар

меҳмонхонаҳои ин кишвар ҳушдори шовинистии расмӣ овезон аст, ба ин мазмун:

**-Критиковать Швецию-привилегия шведов!**

Бо русӣ ҳам ҳаст ин шиор, зимнан мо бо забони асл овардемаш. Яъне «Танқиди давлати Шветсия имтиёзи шведҳост!». Ба забони дигар даҳонатро банд, эй турист, ки муште аз шведҳо нахӯрӣ. Акнун бигӯ, хонанда, ки нафаре, шиори ҳамгунаеро дар меҳмонхонаҳои Тоҷикистон ба ин мазмун хонад, ки «Интиқоди Тоҷикистон имтиёзи вежаи худи Тоҷикон аст!», оё заҳрае мекунад, ки миллати моро хор кунад? Шабона ба дискотекаҳо барои фаҳшо ба кардани гулдухтарони болиғу қадраси Тоҷик равад? Ва ё умуман ҷуръат мекунад, ки мисли афғону эрониву арабҳои пулмаст ба Тоҷикистони мусалмонӣ барои фисқ ояд? Ин шиор нахустин сангаре дар роҳи ҳифзи шарафу ғурури миллӣ хоҳад шуд!

Барои миллат гардонидани ин қавми паҳну пареш, ки номаш Тоҷик аст, мо бояд ҳатман шовинист дошта бошем; ҳам дар парлумон, ҳам дар ҳукумат ва ҳам дар мақомоти қудратӣ! Воқеан ҳам мо шовинизм дорем. Аммо он антимиллист: Дар мо шовинизми маҳалгароӣ рушд кардааст. Маҳз ин шовинизм намегузорад, ки 1% шовинизми миллӣ ба миён ояд. Зеро шовинизми миллӣ душмани №1 барои шовинизми маҳаллист! Вале агар мо дар баробари шовинизми маҳаллӣ, шовинизми хешутаборӣ (непотизм), шовинизми ошнопарастӣ (кронизм)

0,5% шовинизми миллӣ медоштем, ба чунин рӯзи сиёҳ намезадем! Зеро шовинизм дар асл маънои 100% худқурбонӣ барои миллатро дорад:

Николя Шовин (фр.Nicolas Chauvin) аскари қаторие буд, ки барои Наполеон ва аҳдофи империяхоҳии фаронсавиҳо ҷону молашро қурбон карда буд. Вожаи шовинизм аз ана ҳамин хел девонавор худро бахшидани нафаре барои ҳадафҳои волои миллӣ гирифта шудааст.

Акнун феҳристи аъзои парлумонро пешат гузоштаву бин, ки чанд дона Chauvin дорем? Дидӣ? Мо Метавонем!

* * *

# ХАТОИ НИЗОМИВУ ҶОМӢ ИСЛОҲ ШУД

Дар адабиёти ҷаҳон дар хусуси юришҳои Искандари Макдунӣ асарҳои мансуру манзуми зиёд эҷод шудаанд, ки бедодгариҳои ин Мақдунии беникоҳзодаро тараннум мекарданд. Хосатан, симои Искандар дар назми классикони мо чун паямбар, хирадманд ва хайрхоҳу одил таҷассум ёфтааст ва ин мадҳияҳо ҳокӣ аз онанд, ки гузаштагони мо низ амсоли имрӯзиён худкуши бегонапарвар будаанд.

Ақли кас намегирад, ки сар аз Низомиву Саъдӣ то Ҳофизу Ҷомӣ нафареро ситоянду парастиш кунанд, ки Кирополро оташ задаву Эронро ба хок яксон сохтаву Суғду Бохтарро ғорат кардаву китобхонаҳои бузургтарини Самарқанду Бухороро бо амри устодаш Арасту ба коми оташ мекашид…

Дар тӯли 1000 сол беш, ки адабиёти мо доди сухан медод, образи Спитамон-ягона қаҳрамони халқи Тоҷик, нафаре, ки дар майдони ҷанги ватанхоҳӣ доди мардӣ додаву Искандарро борҳо саркӯб кардаву танҳо бо ҳилаву макри мақдуниён сарашро зани аҳримансиришташ бурида буд, торик боқӣ монд. Ин хатои адабиёти 1000-солаи моро, ки мутаассуф, клоссикони ғосибпарвар аз Искандар мадҳу ситоиш мекарданду бар ҳаммиллати қаҳрамони хеш санги маломат

меандохтанд (вазъияти то ҳанӯз шинос, не?!), ахиран шоири муосири мо Сайдуллои Амин ислоҳ кард!

«Спитамон» китоби аввали достони 3-ҷилдаи шоир буда, зери назари Зиё Абдулло, дар нашриёти «Адиб» бо теъдоди 1000 нусха чоп шуд. «Спитамон» маҳсули кори 20-солаи шоир аст, ки дар бораи қаҳрамони халқи Тоҷик ҳикоят мекунад. «Спитамон» дар вазни мутақориб тасниф шуда, 20.000 байт аст. Қариб ҳар боби достон бо ин мазмун тулуъ мекунад:

***Ривоят кунад ровии достон,***
***Ки бишнид аз ровии бостон…***

Дебочаи достон хеле хонданист, ки муаллиф образҳои ҷадидро дар қабои клоссикӣ меофарад. Барои мисол, Сайдуллои Амин шеърро зани дувуми худ хондааст, ки мегӯяд:

***Аз он рӯз дилбанди шеърам чу ман,***
***Ту гӯӣ, ки дорам никоҳӣ 2 зан…***

Ва ин 2 бохчон сари шоир фишор меоранд:

***Зи рашки басӯзи ҳам аст, ин 2 зан,***
***Кунад қасд бар ҷони ширини ман!***

Шоир достонашро мисли Фирдавсӣ ба Сарвари давлат мебахшад:

***Бар ин Тоҷикистони ман сарвар ӯст,***
***Дар ин бешаи ғав чу шери нар ӯст!***

Ва ҳарчанд Амин аз Раҳмон бар алайҳи Фирдавсӣ аз Султон Маҳмуд инъоме талаб надораду рӯ ба рӯзии Худованд аст:

***Худо давлатам деҳ, ҳамон қадр бас,***
***Ки бошам зи мардум на пешу на пас…***

…бовар дорем, ки Эмомалӣ Раҳмон хатои Маҳмудро такрор накардаву ба арӯси нозпарварди Амин-достони нобаш эътои шоҳонаи сазовор пешкаш мекунад. Дар ин амри хайр президент набояд машварат пурсад, ки сареҳатан ошкоро мегӯем:

Коре, ки Сайдулло Амини Қубодиёнӣ бо навиштани ин достон кардааст, Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон дар 22 соли истиқлолият накарда буд! Ин ниҳод бояд сари таслим пеши Амин фуруд орад, ки шоир нишон дод, ки ИНТ зинда асту достон ҳам меофарад:

***Ту хонанда бошӣ, ба покӣ чу ҳақ,***
***Мазан рӯй-рӯяк китобам варақ.***

Ин китобро бояд хонд! Шоир достонро онгуна дар либоси сухани бикр оростааст, ки

мисли 1 арӯси нозанин ба шабистони хирадманд-марди хонанда даровarданист:

**…Китобам касе хонд, домодам ӯст…**

Шоир мисли Фирдавсии Тӯсӣ, ки Аҷам зинда кард бо ун порсӣ, бо ин Тоҷикии шево рӯҳи қаҳрамони миллат-Спитамонро зиндаву ҷовид гардонидаву миллатро атрофи Идеяи МИЛЛӢ кашида, аз бегонапарварии ҳазорсола сӯи Тоҷикият фаро мехонад, ки ҳалолаш бод:

***Зи шеърам ту магзар кунун сарсарӣ,***
***Ки бӯи Аҷам ҳасту савти дарӣ…***

Достони Спитамони Аминро месазад ақаллан барои он хонд, ки дар баробари доди сухани нобро додану пардаи бакорат аз маҳри арӯси сухан бардоштан, ӯ нахустин нафаре дар адабиёти ҳазорсолаамон гардид, ки саҳву хатои пешиниёни хешро рафъ кардаву ҳақро ба ҳақдор расонида, рӯҳи бобои ману ту, хонандаи ин сутур, Спитамони шери нари Тоҷикро ором кардааст…

* * *

# МЕТОДИ ЯҲУДӢ

**Иззат ва шарафи миллатро дар назди дигар миллатҳо баргардонидан, оташи фахри миллиро дубора афрӯхтан, барои одамвор, озодона, дар ватани худ зистан ва роҳат фавтидан дар хонаҳои худ… савганд мехӯрам.**

***Тезиси 13-уми Сионизм…***

…Ҳоло саросема нашавед ва барои ҳукми банда сабр кунед: Зеро ман чизеро ба шумо мегӯям, ки тӯли даҳсолаҳо гӯшатон бо ҳақорат садо медод;

**-Барои раҳоӣ аз вартаи имрӯза Тоҷикистон бояд аз методи давлатдориву давлатсозии Исроил кор бигирад!**

Тоҷикистон, агар хусумати пиндор ва ҷаҳолати таассубро канор гузорем, ки бо номи яҳудро шунидан, аз ғазаб мӯямон сих мехезаду худ намедонем чаро…, бояд бо ана ҳамон роҳе сӯи давлатсозӣ ҳаракат кунад, ки Исроил мекард. Зеро ин 2 давлат шабоҳати хеле олӣ ба ҳам доранд. Бори дигар мегӯям, ки таассуби мазҳабиро канора гузоред. Сухан сари методи давлатдорист, на чизи дигар:

Тоҷикистон давлатест, ки бо ақвоми турку муғултабор ҳаммарз аст. Ӯзбакистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон (бо дуи ахир марз ҳам надошта бошем, дар маҳдудаи умумӣ ба сар мебарем) ва аз ҷониби шарқ Хитойи

Бузург. Агар ба антропологияи ин ақвом назар андозем, маълум мешавад, ки ягон умумияти хуниву фарҳангӣ онҳо бо мо надоранд. Ин дар ҳолест, ки онҳо бо ҳамдигар хеши наздиканд! Чизе монанд байни давлати Исроилу атрофиёнаш ҳис кардед? Исроил низ дар миёни давлатҳои араб ягонааст!

Имрӯз мо худро фиреби назар медиҳем, ки Қазоқистону Туркманистон дӯстони моанд. Бовар кун, хонанда, ин дӯстӣ то соатест, ки бо бародарони ҳамхуни ишон нифоқ надорем. Вагарна чеҳраи асили ин дӯстонро медидем!

Ҳоло ки конфликт бо Қирғизистон сар зад, дидем, ки Бишкек дар ситам на камтар аз Тошканд будааст. Тошканд бо ҳама бадкорияш роҳҳои моро куллан намебаст. Аммо қирғизҳо дар 2 соат ҳама самтҳоеро, ки моро бо Хитой ва Русияву Қазоқистон мебурданд, баст!!! Огаҳон медонанд, ки қирғизу қазоқ аслан 1 миллати қарақирғизанд, ки онҳоро СССР ба 2 республика ҷудо карда буд. Дар сурати ташдиди конфликт ба фикри ту, хонанда, оре, маҳз туе, ки фикр дорӣ, «Сайёф ту гуфта, маро ҳам дар назар дорад?», қазоқҳо ба кадом ҷониб майл мекунанд: Тоҷикистони бегона ва ё Қирғизистони ҳамхуну ҳамфарҳангу ҳамзабон? Интихоби посух аз туст!

Аз сӯи дигар мо низ давлатҳои ҳамхуну ҳамфарҳангу ҳамзабон дар ин қора дорем: Афғонистони ба коми бало ғӯтида ва Эрони ғайрмазҳаб. Ҷои пӯшиш нест, ки барои Эрон

мазҳаб ва он ҳам шиъа болотар аз забону фарҳанг меистад ва мутаассуф, ин ҳақиқати ҳол аст. Афғонистон бошад ба коми фашизми паштуӣ ва таассуби мазҳабӣ чунон дармондааст, ки роҳи раҳоӣ дар ҳамин … аср надорад. Ягона роҳ тақсими Афғонистон ба 2 давлати Тоҷику паштун аст, ки табиист, то дарки ин ҳақиқат, мутаассибин боз чанд даҳсола ҷангу хунрезӣ хоҳанд кард. Яъне Тоҷикистон аз 4 тараф 1 иттифоқчии воқеӣ надорад. Боз чизе ба хотират наомад, хонанда? Оре, давлати Исроил ҳам маҳз чунин аст!

Акнун роҳу усули давлатсозии қавми яҳудро бояд омӯхт, ки чигуна тавонистанд, дар миёни ақвоми бегона ва ҳамхун (он ҷо ҳама арабу ин ҷо ҳама турктабор!) давлати қавӣ созанд? Онҳо такя ба дониш ва ҳаммиллатон карданд! Пас чаро мо такя ба ин 2 ҷанбаи ҳаётсоз накарда бошем?

Дар аввалҳои асри 20 муҳоҷирини яҳудро дар Аврупо фашистон таҳқиру табъиз мекарданд ва дар кӯчаҳо бе ягон ҷазову бозпурсие мекуштанд, месӯзониданд, сарашонро мебурриданд. Еврей ҳатто ҳуқуқи сагу гурбаи хонагиро дар Германия надошт. (Вазъияти шинос не?) Ва ана ҳамин қатлу куштору таҳқиру дашноми миллат ин қавмро маҷбур кард, ки пас аз Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ аз маҳалгароиву ҷудоихоҳии мазҳабӣ раҳида, яке шаванд ва давлати абарқудрати худро созанд!

Маскавро кашф намекунам, агар гӯям, ки он чӣ дар Русия сари миллати шарифи Тоҷик

меравад, дар Германия сари қавми яҳуд мерафт! Онҳо аз ин дарси ибрат гирифтанду иттифоқ бастанд, такя бар донишу маърифат заданд ва давлати худро мустаҳкам намуданд. Мо чӣ мекунем?

Агар ба маҳалгароӣ, низоъандозӣ, таборпарастӣ, ихтилоф ва ҷудоихоҳӣ ҳатто дар соате давом диҳем, ки «таджик» аллакай худ ҳақорат шудааст дар марзу буми ҳамсоя кишварҳои мо пас рӯ ба нестӣ мениҳем. Мо на беҳуда таклифи 1 сокини Бадахшонро, дар шумораи қаблӣ, нашр кардем, ки мехост дар паспорт миллаташро «помирӣ» нависад: бовар кун, хонанда, ин на танҳо иддаои 1 нафар аз Помир аст. Ҳадафи душманони мо дар Русия, Ӯзбаку Қирғизу Қазоқ…истон ҳам ин аст, ки тавассути таҳқири миллӣ Тоҷикро маҷбур кунанд, то аз ҳайсияташ ор кунаду поратар гардад ва ҳам мегардад. Вале агар аз методи яҳудӣ кор гирему иттифоқ бандем ва банди 13-и қонуни сионизмро кор фармуда, шарафу Ғурури Миллиро ҳифз ва барқарор кунем, он гоҳ чӣ мешавад? Суоли матраҳ аст, албатта…

**PS: Сиони́зм (ивр. צִיּוֹנוּת, тсийону́т-аз номи кӯҳи Сино дар Иерусалим-Байтулмуқаддас)-ҳаракати сиёсӣ, ки ҳадафаш иттиҳод, эҳёи қавми яҳуд, бунёди давлати миллӣ ва ҳифзи шарафу ғурури ҳар яҳудӣ дар сартосари олам аст…**

* * *

## 1+1=2…2х2=?

Аслан гӯем, ки Тоҷикон ғурур надоранд, комилан хато мекунем. Мо ғурур дорем!!! Аммо ғурури мо… ғурури маҳал аст, на миллат…

Дар таркиби ҳар яки мо ғурури маҳаллагароӣ ниҳон аст. Бигирем, агар бо чанд дӯсте, масалан, ба диёри бобоии нафаре равем, ҳамон нафар, ки бобояш аз ҳамон диёр аст, дудаставу чорпоя дар хидмати дигарон мешавад. Далел? Мо ватандорем! Ин дар ҳолест, ки дар асл, ӯ дар ин диёри бобоӣ худаш ҳам меҳмон аст. Ва ё бигирем, факти дигарро: Дар дилхоҳ ҷамъияту маҳфилу шабнишинӣ дилхоҳ нафар вожаи Тоҷикро бо таҳқиру кишвари Тоҷикистонро ба истеҳзо корбаст намуд, кори маъмулист ва пинаки касе намепарад. Ба гунаи мисол гӯянд, ки «Тоҷик-дия! Тоҷикиш кардем, эээ, ҳамин Тоҷикистон ҳам ватан шуд?!» ва амсоли ин. Вале мабод нафаре дар бораи Кӯлоб, Ғарм, Зарафшон, Суғду Бохтар ва ё худо накунад, Помир…сухани баде гуфт, ҳатман намояндаи ана ҳамон маҳалла гиребонаш хоҳад гирифт. Зеро ғурури маҳалгароии мо басо болотар аз ғурури милливу Ифтихори ватандорист!

Ҷанги граждании мо низ аз ғурур сар зада буд. Ин ки имрӯз афроди муҷрим гӯш ба карӣ задаву худро сафеду кабуд мекунанд, дигар кори

ишон аст. Вале ин фактро, ки водии Кӯлоб «пас аз таҷовузи хоҳарамон!» (сухани Рустами Абдурраҳим) ба по хеставу водии Қаротегин бо иддаои «тирҳои моро фариштаҳо ба синаҳои кӯлобиҳо мезананд» (даъвои Нурӣ) шӯридаву бо шиори «Дор кашидаву ленинободиҳоро меовезем» (майдони Шаҳидон) ва «Нест бод қозӣ!» (майдони Озодӣ) мамлакат ба ҷанги гражданӣ уфтода буд, касе рад карда наметавонад. Сипас, ана ҳамин ғурури маҳаллӣ ҷангро дар водиҳои мухталиф барои 5-7 сол давом дод.

Воқеан ҳам, Тоҷикистони мо 1 вежагии хоса дорад. Дар ин кишвар 1 вилояте ҳаст, ки матрук аст, мини-ватани касе нест ва онро ном Қӯрғонтеппа аст. Қӯрғонтеппа, ки мероси шӯравист, мисли ҳар дигар мероси бади идеологӣ маркази таркиши ана ҳамон ҷанг гардид. Зеро дар ин вилояти «муҳоҷирони меҳнатӣ» дар тӯли беш аз 70 сол 1 қӯрғонтеппагӣ намезист. Ҷанги гражданӣ маълум кард, ки ин ҷо кӯлобиву ғармиву дарвозиву ургутӣ ва ӯзбекистониву ленинободӣ ба сар мебурдаанд. Зеро баробари шуруъи ҷанг, ҳама онро тарк гуфтанду набардҳоро ба мини-ватанҳои бобоӣ кашиданд. Чунки ғурури маҳалгароӣ ба онҳо иҷозат намедод, ки дар ватани бегона (манзур Қӯрғонтеппа) размозмоӣ кунанд! Воқеан ҳам ин раванди номатлуб имрӯз ҳам дар ин вилоят (акнун минтақа) роиҷ асту ҷанг онро накуштааст

ва машинаи идеологии давлат бояд дар ин самт кор кунад.

Вале дар бораи ғурури кӯлобиву ғармӣ гуфтаву ғурури зарафшониву хуҷандиву бадахширо нагӯем, чизе нагуфта бошем. Зеро дар ин маҳаллаҳо низ ғурури қавие мавҷуд аст, ки намегузорад, ҳатто пайғамбари дигар маҳалларо қабул карда бошанд! Масалан, агар ғурури зарафшонӣ адиби дигареро нашносад, пас ғурури хуҷандӣ дар 100 сол «бегонаеро» бо тамғаи «масчоӣ» хуҷандӣ шудан намемонад! Бадахшониҳо умуман чунон ғурури маҳаллӣ доранд, ки он, яъне ғурурашон метавонад, русу ҳиндуро қабул созаду Тоҷики дигар маҳалларо на! Инро ҳамон воқеоти хоруғӣ бори дигар сабт кард, ки сокинони Бадахшон тақрибан бо 1 овоз аз чанд қумандони маҳаллие пуштибонӣ карданд, ки аслан сабаби бадбахтии минтақа ана ҳамонҳоянд! Ғурури дарвозиву ванҷӣ бошад, имрӯз вирди забонҳост, ки ҳатто олимони саршиноси ин 2 ноҳияи ҳаммарз (Юсуфшо Ёқубов vs Раҳим Масов) ҳамдигариро ба дуэл даъват накардаанду бас!

Ғурури маҳаллӣ дар тамомии Тоҷикистони азиз роиҷ асту ба он то чанд умқтару жарфтар наздик гардӣ, ҳамон миқдор тангтару зичтар мегардад. Мисле ки дар ҳамон Кӯлоби бостонӣ боз ҳаст ғурури балҷувониву ёхсучиву сарихосориву даштиҷумӣ ва дар водии Рашт ғурури тоҷикободиву обигармиву вахёӣ ва ғ. ва ҳ.

Вале агар нафаре то ҳамин ҷо фикр кард, ки ман зидди ғурури маҳаллӣ будаам, комилан хато кардааст! Ман танҳо аз мардуми пурғурури маҳалгаро, ки воқеан иззаташон мегузорам, даъват мекардам, ки дар баробари ин ҳама фахр аз зодгоҳи бобояшон, камтаракак Ғурури Миллӣ ҳам медоштанду Ифтихор аз Тоҷикият ва Тоҷикистони азиз мекарданд, нур бар болои нур мешуд! Бо маҳаллаҳоятон фахр кунед, иззати ҳамшаҳриҳоро гузоред, ҳамдиёронатонро рӯи кор овардан гиред, аммо аз барои Худо, аз Миллату Давлату Ватани худ низ ор накунед; нагузоред, ки ватану миллату давлати Тоҷиконро дар маҷлису маҳфилҳо бодовардае хор кунад. Зиддаш ақаллан бо ними қудрате шӯреду бар даҳонаш мушти идеологӣ занед, ки ба гунаи мисол, ҳини таҳқири маҳаллаатон мешӯридеду мезадед. Даъвати ман аз шумо аслан ҳамин асту бас. Мо Метавонем!

* * *

## ТАОРУФ, ТААССУБ ВА ҶИҲОД

Агар аҳамият додаӣ, хонанда, таоруфи мо, расму русуми мо ба тасодуми таассуб дучор шудааст. Ин таоруфро мо худ маъракаи худнамоӣ кардаем. Усулан худнамоӣ кори миллатҳои заъиф, ақвоми пастфитрат ва қабилаҳои адамулфарҳанг аст, ки бояд барои касеву чизе, чизерову касеро исбот кунанд.

Маъракаҳои худнамоии мо ба ҳама паҳлӯи ҳаёт сар мехалонанд. Масалан, ҳини худоӣ, ҳамакнун маъруфтар бар оши наҳор, мо кӯшиш мекунем, сари роҳе рост истодаву мардумро «хушомадед» гӯем… Стоп! Кӣ инро ҳамту, бидуни ба чашми соҳиби маърака расидан мекунад? Ҳич кас! Дар кадом гӯшаи дил, ки онро ном виждон аст, садое бишнавед, ки ин 1 худнамоӣ буд; агар шунидед хуш ба ҳолатон, вале агар нашнидед, пас шумо ё эгоисти бедаво ва ё…фариштаи заминиед…

Тӯю сурамон низ ба хотири худнамоист. Хонаҳоямон, мошинҳоямон ва ҳатто (мутаассуф) ишқу муҳаббатамон худнамоист. Дигар замони «Лайлиро бо чашми Маҷнун диданҳо» гузаштааст. Баргузидаи мо бояд ҳатман зебо, бойдухтар (бача), аз тобори фулон ибни фулон ва ғ. ва ҳ. бошад. На, намегӯям, мардуми тасодуфиро бояд дӯст дошту гирифт. Аммо аз

барои Худо, издивоҷро оё мо маъракаи худнамоӣ накардаем? Ба садои виждон гӯш диҳед ва формулаи болоиро корбасти худ созед: эго+фаришта=?…

Бисёр сафар бояд то пухта шавад хоме. Боре, чун дар Шведсия будем, дидем, ки мардумаш хеле қоматбаландданд, зеро аз табори викингҳоянду… хонаҳояшон паст-пастак аст. Ҳатто сари мо бар болодарӣ мерасид, чӣ расад ба шведи 2 метра, ки қариб 4-қад шуда медарояд. Ҳикмати ин хонаҳоро баъдан дарёфтам. Шведҳо шарм медоранд, ки худнамоӣ кунанд…Имрӯз, албатта, шарм медоранд. Солҳои қаблӣ сахт худнамоӣ мекардаанд. Зеро он гоҳ фарҳанги шведӣ, ба иттилои худи шведҳо, паст будаасту зиндагониро дар худнамоӣ медидаанд. Яъне ҷамъияти худнамоии мо дар даҳаи дуввуми асри 21, дар ҳамон сатҳе қарор дорад, ки шведҳо то ҶБВ қарор доштаанд. Дастикам, менталитети мо аз шведҳо 90 сол қафо задааст.

Шведҳо аз куҷо ба прогресс расиданд? Онҳо маъракаҳои худнамоиро, ки таассубе беш набуд, барҳам заданд. Бо кӯмаки машинаи идеологии давлати Шведсия! Машинаи идеологии мо дар ин самт чӣ коре мекунад? Танзим? Нахандонед. Танзим барои тавсеъаи маъракаҳои худнамоист: ҷаримаро супору бухуру бугард бача! Ин таассуб ба ҷанги умумихалқӣ бар зидди тафаккури вобаста ниёз дорад. Зеро то ман, ту, вай, яъне МО дарк накунем, ки таассуби худнамоӣ бузургтарин

тормози рушди ҷамъият аст, ба ҷое нахоҳем расид. Ва дар ин набарди воқеӣ, ки мусалмонони асил ҷиҳодаш хондаанд (хубтарин ҷиҳод-ҷиҳод бо нафс ва такаббури худнамоист!), бояд мушти ҷамъиятӣ ҳокими мутлақ бошад. Зеро сарвати ҷамъияти мо сарфи шикам мешавад. Ҳамин маъракаи худнамоиро ҳанӯз чанд сада пеш Соиб тасвир кардааст:

***Ҳеҷ кас нест, ки дар фикри дили худ бошад,***<br>***Умри одам ҳама дар фикри шикам мегузарад…***

Дар асри 21 бо таассуби рӯзафзуни хеш ҳамасри Соибему боз фикр дорем, ки зидди Салафия мубориза дорем. Салафизм, ақибравӣ, пасмондагӣ дар гени мост, мардум! Зеро дар асре, ки форматсияи нав, форматсияи иттилоотӣ ҳукмрони комили он аст, пешрафтатарин афроди ҷамъияти мо назарияи форматсияи феодалӣ доранд:

Шумо 1 бор рамаву галаи аспону подаҳои чиновникҳои сатҳи болоиро бинед! Дидед? Ин масъулин 2 форматсияи ҷамъиятӣ аз оламиён қафо мондаанд. Чун гулҳои сари сабади бонкдориву бизнеси мо дар форматсияи феодализм қарор доранду қуллаи тафаккурашон гӯсфанду бузу…зани 2 ва 3 аст, чӣ ҷои шубҳаву тардид, ки аксарияти кулли раъият дар сар ҳавои ғулом шудан доранду ба форматсияи ғуломдории

русӣ бо камоли майл ва иштиёқу рағбат равонаанд?

Бадии кор ин ҷост, ки намояндагони ҳар 2 форматсияи сиёсии Тоҷик-ҷонибдорони феодализму ҳавохоҳони ғуломдорӣ, ҳама талошашон барои 1 ҳадаф аст:

**-Дар маъракаи худнамоии навбатӣ аз дигарон қафо намондан!!!**

Имрӯз дар ҷамъияти мо-Тоҷикон дониши олӣ ва сатҳи дарку фаҳмиш фулусе арзиш надоранд. Муҳим ин нест; Муҳим он аст, ки мо дар маъракаҳои худнамоӣ чӣ мекушему киро даъват мекунем ва муҳимтар аз ин …чигуна хешу табор маъракаи таассубии моро дидаву сӯхта-сӯхта кабоб мешаванд. Ва ҳам мешаванд охир!

Зеро ҷамъияти мо дар сурати набуди ғояи миллату давлатсоз, таки чархи ғояи худнамоӣ мондааст, ки оқибати баде барои ҷамъияти салафӣ-қафомондаи мо дорад...

Сахт навиштам? Мо Метавонем!

* * *

## ҚУВВАҲОИ МАРКАЗГУРЕЗИ ТОҶИК

**Соли 1998 дар Прага журналисткаи варзидае дар 1 суҳбати инфиродӣ гуфт: -Надонам, чаро, аммо дили ин тоҷикон бар Аҳмадшоҳи Масъуд сахт месӯзаду… ҳамдигариро чашми дид надоранд…**

…16 сол пас аз ин, соати таҷлил аз Наврӯзи инсола, нафаре дар маҳфили унсе адабиётшиносони эронӣ ва шоирони афғониро таърифу тавсиф мекарду шуарои моро хор ва мегуфт, «Мо-тоҷикон чӣ ҳофизшиносе дорем? Магар Шанбезода ҳофизшинос аст?». Гуфтамаш, бародар, банда бо ин саводи камобеше, ки дорам, аксари девонҳои Ҳофизро, ки нашри Эронанд, варақ задаам, дар Санкт-Петербург назди устоди зиндаёд, Радий Фиш аз Румиву Ҷомӣ сабақ бардоштаам, шарҳҳои комили Ҳофизро мутолиа кардаам ва боварам кун, ки девоне мукаммалтар аз Девони Тоҷикӣ-сириликии Ҳофизи Шанбезода надидааму дар шарҳи «Май дар ашъори Ҳофиз» хубтар чизе ҷуз китоби устод Шарифмуроди Исрофилниё нахондаам… Вале ҷурм дар девони сирилику шарҳи Исрофилниё нест. Ҷурм ин ҷост, ки мо бегонапарастем!

Бовар кун, хонанда, ки имрӯз эрониён шоире дар пояи Бозор Собир надоранд! Мисраъе баробарвазни Лоиқи зиндаёд гуфтан

набитвонанд! Достоне дар зерпояи Муъмин Қаноат намеофаранд. Шоирае ҳамтову ҳамсанги Гулрухсор дар Эрон нест! Вале мо-бегонапарастон аз бузургони хеш сарфи назар кардаву ҳамзабононро тамаллуққорона чунон баланд мебардорем, ки ҳатто худашон ҳайронанд, ки чаро чунин аст?

Журналистони мо ҳамтоҳои ируниву афғунии худро дида, моту мабҳут мегарданд. Ҳарчанд, ба таҳқиқ, Хуршеду Раҷабу Соҷидаву Салиму Мирзо аз ишон ба карат профессионалтаранд! Вале чун бегонапарастем, кадом қаллоби пиражки фурӯше аз Амрико омада, бузургтарин ниҳоди хабарии Тоҷикиро дар Прага сарварӣ мекард…

Суруду таронаҳои ируууннни чӣ? Мо чунон шефтаи бегонапарастии хешем, ки яке аз хубтарин санъаткорони мо, Фахриддини Малик, тӯли солҳо тақлиди Муъин мекарду танҳо бо ҳидояту насиҳати Сурайё Қосимова-сарояндаи шинохтаи Тоҷик…рӯ ба Тоҷикият оварду ба масале оби рӯи Тоҷикии худро касб кардаву Мани худро ёфт!

Туро намедонам, хонанда, аммо ман ируниву афғуниро кам гӯш мекунам. Зеро суруду таронае, ки месароянд, аслан мазмун, вазн ва қофияву радиф надоранд!

1 эруууниву афғунниие дар вазни Одинаи Ҳошим, Зафари Нозим, Ҷӯрабеки Мурод,

Афзалшоҳ нест! Барои ман нест, албатта, зеро ман Тоҷикпарастам!

Шабнаму Манижа бошанд, миллион бор беҳтар аз сарояндаҳои эрониву афғонианд! Аммо мо-бегонапарастон сояи ин 2-ро аз девори ТВ тарошидаву 8 млн нафар андозсупорандаро аз кайфияти баҳрабардорӣ аз садову симои зебояшон маҳрум кардаем ва телевизионҳои мо моломол аз ҳофизаҳои эрониву афғонианд!

Ба таҳқиқ агар сари матни аввалӣ баргардем, Аҳмадшоҳ ҳамин Ғаффор Мирзоеву Мирзо Зиёеви мо буду ҳаст. Аммо мо, ки бегонапарастем, инҳоро фаромӯш кардаву онро қариб пайғамбари сонӣ хондаем. Бовар кун, хонанда, ки ин ҷумлаи ахир, ҳамин ҳоло, чанд тоҷики бегонапарасти дигареро инфаркт хоҳад кард: Натарсед! Ман низ муҳаббати вежа ба Масъуд дорам! Сухан сари дигар чист. Сухани баҳс ин аст, ки Масъудро мо барои он дӯст медорем, ки…аз Тоҷикистон нест! Бегона, ки ҳаст, аз маҳаллаҳои дӯсту душмани мо, ки нест, муҳаббаташ бештар аст.

Ҳамон моҷарои бозёфти шаҳри қадимаи Тоҷикон-Карон, ки олимони бостоншиноси моро ба 2 окоп афганда буд, аз ҳамин бегонапарастӣ об мехӯрд, ки таърихнигори ванҷие ҳич намехост, бовар кунад, ки Карон дар Дарвоз бошад!!! Ва агар ба он баҳс таваҷҷӯҳ кунӣ, хонанда, олимони мо 100% розианд, ки Карон дар Афғонистон бошаду дар Тоҷикистон на!

Майнаҳои мо ба қувваҳои марказгурез табдил ёфтаанд. Кори ин майнаҳо ва «виждонҳои миллат» то ҷоест, ки олими шинохтае дар 2 вараќи 1 газета исбот кардааст, ки …қурутоб ғизои муғулҳост! Ҳадаф? Маҳалгароӣ! Иллати қурутоб ин аст, ки дар маҳаллаи ин горе-таърихнигор… қурутоб нест! Чизе, ки миллати моро аз дохил хӯрдан дорад. Барои решакан кардани ин бегонапарастиву хештанситезӣ бояд тухми ин олимонро хушконд! Дигар илоҷе нест; ҳаббу доруворе барои инҳо намондааст; роҳи ягона решакан кардани дарахти Асурики ботинии мост. Ғояи миллатситезӣ, Тоҷикбадбинӣ, бегонапарастиву марказгурезии мо аз ҳамин ҷо об мехӯрад ва то соате, ки мо-қувваҳои марказгурез ҳастем, ин миллат бадбахттарин қавм аст.

Ҳодисоти Қрим бори дигар собит месозанд, ки дастгоҳи идеологии Давлати Тоҷикон бо ҳар 4 чарх дар лой дармондааст. Барои аз ин гил берун кашидани Давлат бояд қувваи нав ҷуст, ёфт ва сари кор овард. Вале ман дар толори дидори охирини зиёиён бо президент чеҳраҳои қадимаву атиқа ва бегонапарастро дида, шубҳа кардам, ки вазъи мо рӯзе ислоҳ мешуда бошад… Зеро ягона «ҷуръат»-е, ки аҳли ин толор дар тӯли 22 сол дошт, ин ба суд кашидани 1 духтараке буду бас…

* * *

## ҚУВВАҲОИ ХУШБАХТӢ САБАБИ БАДБАХТИҲОИ МОСТ

Зиёиён барои ҳар миллату қавму қабоил омилҳои хушиву хушбахтофаранд. Зеро онҳо Давлат месозанд! Илло дар мо, ки ин қудратҳо авомили нагунгардонии миллат гаштан доранд. Зеро иддае аз интеллигенсияи мо, уламои мо, удабои мо ва журналистикаи мо ба назар мерасад, ки комилан дар ботлоқи фисқу фуҷури диёри бобоишон дармондаанд, ки боиси таассуф ва дастбарсарзаниҳост.

Қаблан ҳам гуфтем, ки нафаре исботи илмӣ кардааст, ки қурутоб ғизои туркҳост. Пештоз мегӯям, ки шахсан ман қурутоб намехӯрам. Зеро ба талаботҳои физиологии ман посухгӯ нест. Аммо ин маънои онро надорад, ки ман ин таомро муғулӣ гӯям. Зимнан Шашмақом гӯш кардан ё накардани ман ба ин далел набояд талаққӣ шавад, ки Шашмақом моли муғулҳост, ки аксарият дар сӯҳбатҳои пасипардагӣ мегӯянд. Бовар кун, хонанда, агар Шашмақомро худи президенти кишвар мақоми расмӣ намедоду Рӯзи таҷлилашро тасдиқ намекард, ҳоло Шашмақомро бо микроскоп ҳам намеёфтем!!!

Зиёини мо, мутаассуф, то ҳанӯз аз ҷомаи идеологияи материалистӣ бадар нашудаанд. Яъне

чизе, ки барои онҳо ва маҳалли зисти ишон қабул нест, пас он Тоҷикӣ нест. Ин абсурд аст.

Чанд сол муқаддам Аслиддин Низомов бо таассуф мегуфт, ки «наход гулҳои сари сабади миллате «собит кунанд», ки Гурғӯлӣ аз турку муғул аст, на Тоҷикон!». Низомов ҳайрон мегуфт, ки наход достони паҳлавониеро, ки беш аз 200.000 байт аст ва ҳама байтҳои он сирф ТОҶИКИСТ, «олиме» пайдо гардидаву ин эпоси бузургтарини шифоҳии мардумиро моли ғайр эълон намояд?

Воқеан ҳам, чаро ин горе-уламо фикр намекунанд, ки Тоҷикон аз нахустин халқиятҳои оламанд, ки достони назмии шифоҳиву катибии ҷавонмардиву ғайюриву оламгирӣ ва паҳлавониву майдондорӣ доранд? Агар Гурғӯлӣ даҳонӣ бошад, пас «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ намунаи барҷастаи катибии достони мардонагиву шуҷоати Тоҷик аст! Иллати нашнохти ин осор, ана ҳамон дидгоҳи материалистист: Чун худ дар таркиб хуни ҷавонмардиву ғайрати майдондорӣ надоранд, фикр мекунанд, ки ҳатман турку муғулҳо ҷавонмарданду эпоси ҷангҷӯӣ ва забткорӣ доранд. Ин дар ҳолест, ки Тоҷик дар тӯли ҳама асрҳо соҳибмайдон буд ва агар ҷавонмардии мо намешуд, кайҳо Аврупои Ғарбиву Шарқӣ бо шумули қораи араб зери суми аспи муғулу татор месӯхт. Ин мо ва бобоҳои ҷавонмарг, вале ҷавонмарди мо будандӣ, ки Армияи Аҷуҷу Маҷуҷ дар Осиё ист фармуд! Вале ин сӯҳбати баҳси дигар аст.

Сӯҳбати имрӯзаи мо сари ин аст, ки қотеъона ин миллат бояд аз уламои маҳалгаро, удабои кинатӯз ва килкбадастони мурғандеша раҳо гардад. Зеро то таҳкурсии ғояи миллии мо ормонҳои Давлатдорӣ, Давлатпарастӣ ва Давлатдӯстдорӣ набошад, мо заъфпазирем.

Дини Конфуций (Конфуцизм), Зардуҳуштӣ, Тавроту Инҷил ва ҳатто Қуръон моро ба давлатпарастӣ ва муҳаббат ба Давлати хеш талқин мекунанд. Вале 10-12 зиёии маҳалгарой тормози ҷамъияти мо гардидаву манфиатҳои маҳаллии хешро на танҳо аз манофеи Миллат, ки китобҳои осмонӣ болотар мегузоранд ва агар сухан куфр нараваду саҳв накунам, барои ҳифзи манфиати диёри бобоӣ бо Худо ҷангозмой мешаванду аз ин роҳи пурхатар баргаштанӣ нестанд. Пас чӣ бояд кард?

Беҳтарин роҳи ҳалли ҳамингуна муамморо, чӣ аҷаб, ки дар давлати атеистӣ пайдо карда буданд. Никита Хрушев-сарвари вақти давлати СССР чу дид, ки Академияи Улуми кишоварзӣ манфиатҳои Давлатро поинтар аз манофеи инфиродӣ мегузорад, бо 1 ибораи болдор ин ниҳодро аз Маскав ронд. Ва он ибора ин буд:

**-Нечего на асфальте пахать!**

Имрӯз ниҳодҳои илмии мо низ агар ҷуз ба коми Давлати Тоҷикон ва Миллати Тоҷик кор мебаранд, бояд дар дигар ҷо «пахать» кунанд. Бовар кун, хонанда, ки аз буду набуди бархе чунин ниҳодҳо бохт нахоҳем кард. Зеро

бурдашонро дар тӯли 23 соли Истиқлолият НАДИ - ДЕМ!!!

Давлат бо ниҳодҳои илмӣ, ки де-юре бояд аз манофеи миллат пуштибон бошанду де-факто ормону омоли миллиро нақз кардан доранд, аз усули кӯҳна, вале санҷидашудаи давлати советӣ кор бигирад. Дар мавриди мазбур, яъне ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ки ба давлати ҷавони мо аз 4 сӯ чашмони забткор ало шудаанд, бояд ҳамон шиори маъруфи Сталинро зинда кард:

**-Касе бо мо нест, зидди мост!**

Дар ҳамин шабу рӯз беҳтарин Ғояи миллист ин шиор…

Бо миллат бошед, в-арна Миллат аз шумо рӯ хоҳад тофт. Ин ҳушдорро сареҳатан интеллигенсияи маҳалчӣ бояд дарк кунад. Зеро медонем, ки инҳо-ку ислоҳ намешаванд, аммо ҷавонону наврасонро ҳам ба «роҳи рости худ» ҳидоят кардаву сироят кардан доранд…

* * *

# ОПТИМИЗМ ВА ПАРАДОКС

Имрӯз ҷамъияти моро оптимизм ФАРО гирифтааст; чизе, ки қариб дар тӯли даҳсолаҳо набуд. Аммо ин оптимизм нигаронкунанда аст. Оптимизми деринтизори мо парадокс дорад, ки метавонад миллати моро ба садсола қафо партояду бузургтарин дастоварди Тоҷик ва беҳтарин эътои Худовандӣ-Озодӣ ва Истиқлолиятро зери суол кашад. Зеро он, яъне хушбинии ҷамъият, аз ҳодисоти …Қрим маншаъ мегирад. Сари моҷарои миллате, ки 23 сол шаҳди Истиқлол мечашаду шукронаи давлат мекунаду ҳазорон суруду таронаи патриотӣ месарояду аз ғасби кишвари аҷнабӣ вилояти давлати дигареро, хурсанду хушбин шудааст, бояд дар долонҳои баландтарини ҳукумат андеша кунанд…Маҳз дар долонҳои болоӣ. Чунки долонҳои поинӣ аллакай…хурсанд аст!

Албатта, ин ҳақиқати талх, ҳамин ҳоло писанди аксарият нахоҳад шуд. Ман дар назар дорам, аксариятро аз долони болоӣ. Мутмаинан ишон бовар надоранд, ки вазъ ингуна бад аст. Зеро ин долон аз ҷамъият кайҳо дур шудааст. 1 тан аз ин долони болоӣ гӯяд, ки кай охирон бор троллейбус савор шуд? Нархи чиптаи автобусу маршрутка чанд аст? Кадом хатсайрҳо аз пеши хонааш то вазораташ мебарад? Оё

фарзандонашон хатсайрҳоро то мактабҳошон медонанд? Кай охирон бор аз бозор харидорӣ кардаву дар тарабхонаҳои бӯйину ифлоси бозорҳои шаҳр, қурутобхонаву ошхонаҳои чиркини мавсум ба «ҳоҷигӣ» ғизо хӯрдаанд? Дар чойхонаҳои Хуҷандшаҳру Бадахшону Кӯлоб 1 пиёла чойи кабуд нӯшидаанд? Агар аз ин мавзеъ бархурдор будаанд, пас тасаввур кунед, ман ноҳаққам ва чизеро намедонам. Зеро дар ин ҷо ман феҳристи маконеро барчидам, ки мардуми хушбин аз ғасби Қрим дар онҳо таҷаммуъ меёбанд. Ман ҳоло перомуни беш аз 1 миллион дасти кори шикамқарор-гастербайтерҳои русӣ сухан намекунам, ки барои ишон роҳи раҳоӣ аз варта паспорти Русия гардидааст. Чунки дар тӯли 23 соли сарсонӣ инҳо такягоҳи воқеӣ, ҳадди ақалл, мисли давлатҳои Озарбойҷону Гурҷистону Арманистон дар симои давлати худ наёфтанд!!!

Воқеан ҳам ҷамъияти мо боре чунин оптимизмро дидааст; замоне ки дар Давлати мо Сулҳ барқарор мегардид. Бори дигар нимаоптимизми ҷамъиятӣ ин оғози бунёдкориҳои Роғун шуд. Вале он ҳама мисли ҳубоб пароканда гардид. Яъне чӣ? Яъне то ҳанӯз Давлати мо, мутаассуф, сари Ғояи Миллие, ки барои садсолаҳо муттаҳидсози ҷамъият буда бошад, фикр накардааст. Мо дурбин нестем, хатар ин ҷост!!!

Ғояҳои муттаҳидсоз, агар дур наравем, дар ҳамон давлати синфи коргару деҳқон Ғояи

сохтумони коммунизм буд. Мардум ҳатто бар идеяи сирф утопистӣ бовар мекард ва ончунон, ки дар тӯли 70 сол Антанта-падари маънавии имрӯзаи НАТО-ро дар шашяки рӯи замин, ҳаракати мусалмонии ватанхоҳӣ, мавсум бар босмачизмро дар Осиё, Фашизмро дар Аврупо, янкиро дар Ветнам…шикаст медод. Имрӯз низ, мардуми оптимист ҳамон Ғояро ёд овардаву лаб мелесанд. Мо чун меросхӯри СССР, ҳадди ақалл бояд дар пояи ана ҳамон ғояи кӯҳнаи марксизм Ғояи миллие медоштем…

Фаронсавиҳо медонед, бо шикасту пора кардани Фаронсаи асри 19 чаро Наполеонро мепарастанд? Зеро Наполеон падари Ғояи миллии чандинасраи Фаронса аст: Ӯ бо ғояи «Баробарӣ, бародарӣ ва моликияти хусусӣ» ба майдон омад. Русҳои болшевик ҳамагӣ 1 ибораи Наполеонро партофта, ғоя-шиори нав сохтанд «Баробарӣ, бародарӣ, коммунизм (яъне моликияти ҷамъиятӣ)» ва шикаст хӯрданд! Вале ғояи Наполеон аз зиндаҳо ҳам зиндатар аст.

Ҷаҳони туркзабонон Ғояи баланди пантуркистӣ дорад. Имрӯз низ ғояи пантуркизм, ки дар пештоқаш номи Мустафо Камол Отатурк ҳаккокӣ шудааст, побарҷост ва ҳамарӯза ҳазорон-ҳазор нафарро дар атрофи худ зич мекунад. Ин Ғоя ҳамеша дар сабзиш аст. Зеро ормонҳои дастнорас дорад, мисле ки Тоҷикистону Русияро туркӣ кардан ва ғ. ва ҳ. Олами араб атрофии панисломизми проарабӣ муттаҳид мегардад ва

агар Ғарбу Шарқ садсолаҳо ин қорaро бомбаборон ҳам кунад, ин миллат маҳв нахоҳад шуд. Зеро Ғояи миллии абадӣ дорад. Яҳуд садсолаҳост атрофи Ғояи сионизм ҷамъ шудаву сӯи қуллаи мурод, забти олами сармояи ҷаҳон равона аст: То сионизм ҳаст, қавми яҳуд ворастааст, мехоҳед инро ва ё на. Ғояи ҷаҳонпарокандасозии аҳолӣ (экспансия) Хитойи Бузургро дастболо дар Амрикову Аврупо кардааст. Акнун навбат ба Осиёст. Шумо бисёр ҳам шод нашавед, ки Хитой ба ин сабукӣ ва роҳатӣ проектҳои моро маблағгузорӣ кардаву заминҳои моро барои 40-50 сол аренда мегирад. Ин Ғояи миллии Хитой аст!

Воқеан ҳам бидуни сионизм, дигар ҳама ғояҳои миллатҳои бузург, дар кишвари мо ба оҳистагӣ, аммо умқан реша медавонанд. Соате дур нест, ки ғояи панарабизму пантуркизму сиёсати шикамғелак (ползучая политика)-и Хитой дар сарзамини мо дастобагиребон шаванд. Зеро, мутаассуф, мо дар баробари ин сиёсатҳо Ғояи миллие на-до-рем, ки ақаллан то соли 2050 нигаронида шуда бошад…Зимнан аз тасаллути 1 кишвар бар дигараш шод мешавем ва хушбин мегардем.

* * *

## МАЗҲАБҶАНГ МОРО ДАР ПЕШ АСТ

***Ҷанги 72 миллат ҳамаро узр бинеҳ,***
***Чу надиданд ҳақиқат раҳи афсона заданд…***

**(Ҳофизи Шерозӣ)-и между прочем…шиъа**

Ин «между прочем»-и мо маънии бузург дорад ва беҳуда ҳоло, ту, хонандаи ин сутур, гуфтӣ, ки при чем тут шиъа будан ё набудани Лисонулғайб? Ин вожа аллакай проблема шудааст ва сӯҳбати мо сари ана ҳамин мушкил аст. Мавзуъи сахт нигаронкунанда: Ман танҳо дирӯз, ҳини сафари тӯлонӣ ба ҷануби кишвар, ки бояд дар ҷанозаи модари 1 бародари ҳамфикр ширкат мекардам, ба ин хулоса расидам, ки ин мавзуъро бояд ҳатман нигошт. Зеро дар ин сафар маро чанд бародари дигар ҳамроҳӣ мекард, ки аз сӯҳбати ишон маро даҳшат фаро гирифт: ман дарк кардам, ки ҷамъияти мо пешорӯи хатари бузургтар аз ҷанги гражданӣ-ҷангҳои мазҳабӣ қарор гирифтааст!!!

Аҷиб буд, ҳамсафарони маро касе таҳрик медоду тавассути телефон ҳар эроде, ки ман мегирифтаму ба сулҳу салоҳ ва таҳаммулпазирии мазҳабӣ даъваташон мекардам, зидд мебаромад ва дурӯғу рост ояту ҳадисро бар ин кизбаш мепайваст. Аз ҳар садои занг ба «ҳоҷӣ» инҳо ба

шӯр меомаданд: варианти зомби дар амал татбиқ шудааст дар ватани мову мо бехабар будаем.

Ман шояд сари ин масъала ист намефармудам, агар ҳамроҳони ман намояндаи мавҷи нави сармоядориву элитаи муосир намебуданд. Маро даҳшат аз он фаро гирифт, ки қудратҳое элитаи пулдор, вале авоми моро тарафи худ ҷалб кардаанду мо огаҳ наёфтаем.

Баҳс сари ин буд, ки ин мардум сареҳатан аҳли шиъаро батар аз кофир мехонданд! Оре! Ҳақиқат ана ҳамин буду бас. Соате ки аз назди мазорот убур мекардем, дасти омин ба рӯй намекашиданд ва мегуфтанд, ки мазор чӣ шафоате дорад?! Ҳатто назди оромгоҳи Орифи вақт, Ҳуҷҷатулислом ва Шайхи тасаввуф, Шақиқи Балхӣ, оне, ки Иброҳими Адҳам-Шайхулисломи арабро мулзам карда буд, дасти омин набардоштанд ва мегуфтанд, инҳо, ки ҳама мурдаанд…Ҳатто дар бораи Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳаминро мегуфтанд.

Дасти қавии идеологияи салафияву ваҳҳобияро эҳсос кардӣ, хонанда? Вале даҳшат ин набуд. Даҳшат ин буд, ки ишон ба таҳқиқ ва 100% бар бовар буданд, ки на салафиянд ва на ваҳҳобӣ ва ба ин равияҳо лаънат мефиристониданд.

Стоп! Чизе фаҳмидӣ хонанда? Оре, салафияву ваҳҳобия, аккурат, бар мағзи мазҳаби мо ворид шудан доранд. Зеро онҳое, ки худро тарафдорони қавии мазҳаби Ҳанафия медонанд,

кайҳост, ки ба ботлоқи ваҳҳобизм то гӯш ғӯтидаанд. Ба инҳо гуфтам, ки:

***Мардони Худо Худо набошанд,***
***Аммо зи Худо ҷудо набошанд.***
***Ин тоифа теғи обдоранд,***
***Ҷон аз тани беадаб бароранд!***

Ва афзудам, ки мо инҳоро ба хотири Худо дӯст медорем, зеро дӯсти Худо буданд! Назди ҳайкали Ленину Шаталову Будёный, ки садсолаҳо шаҳрҳои моро оро медоданд, рафтаву дуову иҷобат намекардем-ку?!

Аммо баҳс сари шиъа бештар буд. Онҳо бо таҳрик ва «далелҳои шайъӣ» (ин далелҳоро кадом ҳоҷие бо телефон мегуфт ва аз садояш маълум буд, ки сахт бе савод ва бе дониш аст!) исбот карданӣ мешуданд, ки аҳли ташаййуъ пасттар аз кофаранд. Яке ҳатто гуфт, ки «Аз шиъа яҳудӣ беҳтар аст!». Расидем!...

Гуфтамашон, ки магар Фирдавсӣ, Саъдӣ, Хайём, Ҳофиз, Соиби Табрезӣ, Лоҳутии бузургвор…кофаранд? Ва оё дар тӯли 700-800 сол ҷадди мо тафсири Қуръонро аз ашъори ин Лисонулғайб намеомӯхт? Боз садои телефону боз ҳамон «ҳоҷӣ», ки ман ҳатто ришашро аз телефон дидам (!) посухи сареҳатан дурӯғ дод, ки онҳо шиъа нестанд. Дигар тамом. Яъне чӣ? Яъне инҳо ҳоло афродеро, ки муҳаббаташон дар қалбҳои мост, «кофар» нахондаанд, зеро меҳаросанд, ки

кулӯхашон об мехӯрад. Аммо дур нест соате ки бо амри ин тӯда Ҳофизу Хайёму Саъдиву Фирдавсӣ ва бобову бибиямон низ пасттар аз кофир ва батар аз яҳудӣ шаванд. Аммо то он замон ҷамъияти моро таконе дар пеш аст. Зеро ман ҳамакнун фаҳмидам, ки чаро муфтӣ Тӯраҷонзодаҳоро шиъа ҳукм кардан дораду инҳо бо тамомии вуҷуд ин иттиҳомотро радд мекунанд. Чунки барои ҷамъияти мо кайҳо «шиъа батар аз яҳудӣ» шудааст. Вале ин ҳам охири кор нест!

Дар ҷамъияти мо аз ҳисоби афроде, ки дар Эрон таҳсил кардаанд, суфуфи аҳли ташаййуъ дар ҳоли афзоиш аст. Зеро мо Ғояи миллии мазҳабӣ надорем! Ин далели бе баҳс аст ва алоқамандон инро медонанд. Ва ҳам медонанд, ки ваҳҳобизму шиъа мисли сагу гурба ҳамдигарро бад мебинанд. Дар ин гирудор ман чӣ мехоҳам? Ман мехоҳам, ки дар давлати ман Ғояи мазҳаби Ҳанафӣ пирӯз бошад. Зеро тибқи ана ҳамин таълимот кредои манро ҳазрати Ҷомӣ сутудааст:

***Эй муғбачаи даҳр, бидеҳ ҷоми маям,***
***К-омад зи низоъи шиъаву суннӣ қаям.***
***Гӯянд, ки Ҷомиё, чӣ мазҳаб дорӣ?***
***100 шукр, ки сагшиъаву харсуннӣ наям!!!***

Тамом вассалом!

* * *

## «РУКИ ПРОЧЬ ОТ АРМИИ!»

**Si vis pacem, para bellum! - «Сулҳ хоҳӣ ба ҷанг омода бош!»**

**Непот Карнелий (94-24 то эраи мо)**

Ин ки Армия пояи давлатдорист, ҳама медонад. Вале он ки барои барҳамрезии Давлат бояд Армияашро «деморализовать» кард, аз дохил маънан хароб намуда, дар назди ҷамъияти ҳамон давлату кишвар шарманда сохт… ба назар мерасад, ки на ҳама медонистаанд. Ман «ҳама» гуфта, пеш аз ҳама масъулини амнияти давлату идеология ва патриотҳоро дар назар дорам. Зеро онҳое, ки Армияро маънан хароб карданианд ва шояд кардаанд (!) ин муамморо нек медонанд; медонанд, ки Лашкарро бе обрӯ кардан доранд.

Чанде пеш, бо амри тақдир, меҳмони 1 қисмати низомӣ шудем. Он ҷо муаммое бархостааст, ки дар назари аввал хеле сода асту дар асл хеле мушкил:

Фармондеҳи полк ба мо гуфт, ки 2-3 ҳафта пеш 1 сарбозеро ба қисмати ҳарбӣ оварданд, ки ришаш то ноф дароз буд. Ин сарбоз намегузорад, ки ришашро тарошанд. Рӯиҳамрафта, дар миёни сарбозон таблиғу ташвиқоти зиддавлатӣ кардааст, ки дар чунин Армия хизмат кардан куфр асту солдатҳо бояд юбкаи афғонӣ пӯшанду риш давонанд ва занҳои «часть» сатр кунанд!

Ин ки он сарбози фурӯхташуда хизмат дар Армияи Давлати Тоҷиконро куфр ҳукм кардааст, ба ун маънист, ки ҳамакнун ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ кайҳо худи давлати моро куфр хондаанд. Ин ҷои баҳс нест. Аз мантиқи андешаронии он «ришбаноф» чунин бармеояд. Аммо сӯҳбат сари дигар самт аст.

Мани Армияи советиро дида, мутаҳайяир шудам, ки чигуна зӯри 1 қисмати ҳарбӣ ба 1 сакалтуи бесавод нарасидааст, ки ришашро тарошидаву юбкаашро кашида, аз ӯ сарбози қаторӣ созанд?! Фармондеҳ бо ҳасрат гуфт, ки агар зимоми кор ба дасти ман мебуд, чунонаш мекардам, ки дар 2 соат «браво-солдат» мешуд. Аммо нозирони беш аз пиндор, шикваҳои ҳамарӯзаи солдатҳо тавассути мобилу телефонҳои барзиёд, аёдати ҳамарӯзаи волидайн, проверкаҳои расмиву ғайрирасмии давлативу хусусӣ, шикоятҳо ба омбудсмену созмонҳои ҳуқуқдифоъ, танқиду тӯҳмати расонаҳои хабарӣ ва ғ. ва ҳ. корро ба ҳаде чигилу печида кардаанд, ки мо ҳаққу ҳуққи пишаки солдатеро пишт гуфтан надорем...

STOP! Куҷо равонаем бо ин Армия?

Вазорати Мудофиаи ҶТ бояд оҷилан ва бебозгашт аз назорату тафтиши барзиёди прокуратураи ҳарбӣ, созмону ниҳодҳои қудративу ҳуқуқӣ садд гузорад! Армия бояд махфигоҳ бошад. Сирру асрори Армия бояд таки тоқии худи Армия монад. Вагарна ин чӣ

Армияест, ки ҳамарӯза онро бояд бо дилхоҳ шикваву шикоят тафтиш кард? Магар кӯдак дар чунин шароит солдат мешавад ва фардо Ватанро ҳифз мекунад?!

Равуои волидайн ба қисматҳои ҳарбӣ низ бояд ё манъ гардад ва ё танзим. Ба гунаи мисол, 1 солдатро падару модар дар тӯли 2 сол 1 бор бинанд кофист. Медонам, ки ҳамин ҳоло падару модарон зидди ман хоҳанд шӯрид. Аммо аз барои савоб, чаро мо фарзандонамонро ба Русия, ба ғуломӣ равон карда, 3-4 сол намебинему парвое надорем, вале дар Армияи Тоҷик бояд ҳар ҳафта бинем? Охир, Русия хеле хавфноктар аз Армия аст. Ба омори даҳшатовар рӯ орам? Марҳамат: Аз Русия ба ҳисоби миёна дар 365 рӯз 1000 тобут меояд! Акнун хонанда, худи ту, оре, маҳз туе, ки фикр дорӣ, «СМ ту гуфта, маро низ дар назар дорад?» бигӯй, ки мабод, аз Армияи мо дар 1 сол 30 мурда оранд, ҷамъияти мо ба чӣ коре даст мезанад?

Горе-ҳуқуқдифоёни Тоҷик, ки барои ҳар амали обрӯрез гранти хориҷӣ мегиранд, чаро ақаллан 1 боракак сафорати Русия дар Тоҷикистонро, ақаллан ҳамту, «ради галочки» ба суд намекашанд, то қатлу кушти Тоҷик бознигарӣ шавад? Ин суол ба ту нест хонанда; ин суол ба ҳамон юристҳои профессионали мост, ки медонанд, чаро ин корро намекунанд. Зеро аксарияти онҳо туф кардаанд ба рӯи манфиати

Тоҷику Тоҷикистон! Барои ишон бренди арзон ва гранти калон лозим асту бас.

Вале мӯҳтавои матлаби мо ин ҳам нест. Ман мехоҳам, ки Армияро ҳамчун пояи Давлати Тоҷикон, дар ин шабу рӯзи хеле хатарзо, ақаллан кӯмаку ёрӣ накунанд ҳам, ба ҳоли худаш гузоранд! Парадокси ҷамъият ва Давлати мост, ки худашон Армияи худро деморализоват кардан доранду фардо нахустин шуда, санги маломат сари Армия хоҳанд зад, ки ба фулусе намеарзаду ба коре вар намехӯрад. Пас «Чӣ бояд кард?». Ба ин суоли риторикии Ленин ба пиндори сирф инфиродии ман посух ҳаст:

-Вазорати Мудофиа, Додситони кулл, Додгоҳи Олӣ, Шӯрои амният ва ҳама мақомоти қудративу ҳуқуқӣ бояд аз Армия даст бардоранд. Ба таъбири русӣ «Руки прочь от Армии!». Ин бояд шиори ҳукумати марказӣ бошад. Барои воқеан ҳам дастҳои дар назари аввал ҳуқуқдифоъи сарбозон, вале дар асл қотили Армияву Давлати Тоҷикро кӯтоҳ кадан, онҳоро бояд бо амру супориши махсусе буррид!

***Сари чашма бояд гирифтан ба бел,***
***Чу пур шуд нашояд гузаштан ба пил!!!***

* * *

## ВАҚТЕ КИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ЗИДДИ МАОРИФИ МИЛЛИСТ

**«Лёд тронулся, господа присяжные заседатели!»**

**(Остап Бендер, 12 стульев. Ильф-Петров)**

Ростӣ, парадоксе, ки дар Вазорати Маорифи кишвар аст, шояд дар ягон вазоратхонаи дигари давлатҳои олам дучор наояд. Мефаҳмонам: Вазорати Маориф бо 2 пой тормозҳои мактабҳояшро зер карда, ягона сохтори бадбахтгардонии маърифати миллиро 2-даста ҳифз ва нигоҳ медорад. Сухан сари Тормози Маорифи Миллӣ-Литсейҳои туркии мавсум ба мактабхонаҳои Фатҳулло Гюлен меравад, ки бидуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар дар ҳама давлатҳо, ҳатто худи Туркия, баста шудаанд. Иттиҳомоте, ки хадамоти иктишофии Туркманистону Қазоқистону Ӯзбакистон ва Русияи Федеролӣ алайҳи ин литсейҳо бастаанд, талхаи Вазири маорифи дилхоҳ кишварро мекафонид, илло Нуриддин Саидови моро, ки ё хатаре ҳис намекунад ва ё умуман аз олам хабар надорад. Зимнан ёдрас мешавем, ки ин литсейҳо барои корҳои ҷосусӣ ва вайрон кардани менталитети миллатҳои (сахт таваҷҷӯҳ кунед!)…ТУРКзабон баста шудаанд. Туркманистону Ӯзбакистон ба ин литсейҳо ҳатто

ултимотум монданд, ки оҷилан бағочи худро ҷамъ кардаву ҳуй хӯранд!!! Ҳайдар Ҷамол-Раиси Кумитаи Исломии Русия, ҳатто ин литсейҳоро ҳамчун ниҳодҳои таҷассусии Амрикоӣ ҳукм бар рондашавӣ намуд. Каримов Ислом-президенти ҳамсоякишвар бошад, ҳанӯз дар асри гузашта, калушҳои ин литсейҳоро пеши пояшон гузошта буд.

Вале Нуриддин Саидов ва ниҳоди зертобеаш ин моҷароро шадидан намебинанд. Ин ҳам 1 дарди ба хайр. Аммо ин ки ин вазоратхона сарсахтона аз сети инфрасохтории литсейҳои туркии мавсум бар «Шалола», ҳамчун Панфиловчиён аз Маскави соли 1941, ҳифз мекунад, муаммобарангез аст. Ҳафтаи пор, ки ахиран, Маркази тадқиқоти стротегии назди Президенти ҶТ, гуфт, ки ин литсейҳо бояд ба оҳистагӣ баста гарданд. Зеро дар тӯли даҳсолаҳо беҳтарин мағзҳои ҷавони Тоҷикро полуда кардаву аз 3,5 ҳазор хатмуттаҳсили онҳо 1 тан низ роҳи илму донишро пеша накардааст, Абдусаттор Наҷмиддинов намояндаи Вазорати маориф, ин ниҳодро дурӯғгӯ баровардаву мавҷудияти ин Литсейҳоро лозим хонда, антимадрак овард, ки 58 нафар хатмкардаи онҳо дар аспирантура мехонанд ва ояндаи илми Тоҷиканд. Шояд дар Вазорати Маориф намедонанд, ки дурӯғгӯ кардани Маркази тадқиқоти стротегӣ ин дурӯғгӯ кардани худи ҳукумат ва давлати Тоҷикон аст? Ва ё агар донанд, наход муҳаббати Вазорати маориф

ба литсейҳои Гюлен то ҳадде бошад, ки зидди 1 пажӯҳишгоҳи Давлати хеш раванд? Ин чо чӣ сиррест ниҳон?

Ин ҳам дарди бахайр аст. Дар Вазорати Маориф наход дарк накунанд, ки сабаби бадбахтии мактабҳои миёна, ки ҳамакнун «муассиса» шудаанд, литсейу гимназияҳои миллӣ, маҳз Литсейҳои туркиянд? Барои фаҳми ин муаммо зиёд стротег ва маорифчӣ будан шарт нест. Далелҳо оддӣ ва содаанд. Ин литсейҳо тӯли даҳсолаҳо беҳтарин мағзҳои ҷамъиятро, баъди хатми 6 соли тадрис имтиҳон гирифта, кӯдаконро аз хонаводаҳои элитаи Давлати Тоҷикон, аз мактабҳои Тоҷикӣ, меситонанд. «Туркӣ куну чустӣ кун!» ҳам ин аст. Туркҳо бо 1 тир 2 фохта мезананд:

1. Кӯдакони беҳтарини моро гирифтаву ба мактабҳо атфоли 2-юмсортаро боқӣ мегузоранд, ки дар натиҷа маорифи миллӣ фалаҷ мегардад ва;

2. Чун атфоли элита дар мактабҳои умумӣ таҳсил намекунанд, фисқу фасод, адами донишу илмталабӣ дар ин ниҳодҳо пӯшида мемонад.

Ба гунаи мисол, агар писари вазири маориф ё сарвазири кишвар дар мактаби маъмулӣ таҳсил мекард, албатта, шакл ва усули донишандӯзӣ дар ҳамон «муассиса» дигар мешуд. Акнун фаҳмидед, ки чаро мактабҳои шумо, т.е. аз мо, сифати пасти дониш доранду дар онҳо фасод дар нумуст?

Бо ин ҳама шахсан ман хушбинам. Зеро агар дар ниҳоди бозомӯзии таҳоҷуми фарҳангиву иттилоотии №1, яъне Маркази тадқиқоти стротегии назди Президенти ҶТ аз ин хатар огаҳ шудаанд, пас бо забони ҳамон Остап Бендер-комбинатори №1 дар даврони шӯравӣ, метавон гуфт, ки «Ях об шуд!». Он тарафаш беҳтар мешавад. Зеро дар тӯли 6 соли ахир газетаи СССР ягона ниҳоде буд, ки пас аз талошҳои бесамари Лоиқ Шералӣ, М.Шукуров, М.Қаноат, Валӣ Самад ва ғ. дар авохири асри пор, тани танҳо бо ин маркази хатарзои туркгаро ҳарб мекарду дигарон ҳатто роҳе ёфтаву Фатҳулло Гюленро дар матбуоти давлатӣ таблиғу ташвиқ менамуданд. Кор то ҷое расида буд, ки қариб вохӯрии ӯро бо Президенти мо ташкил мекарданд. Акнун тасаввур кунед, ки баъди расман бо фармони Эрдуғон-президенти Туркия, душмани амнияти Туркия ва ҷосуси Исроил ҳукм шудани Фатҳулло Гюлен, муносиботи давлатҳои мо чӣ тағйире медид? Тасаввур кардӣ, хонанда? Яъне инҳо аллакай ба сиёсати бузург ҳам роҳ бурдаанд. Вагарна чигуна мешавад, ки алайҳи тамоми ОЛАМ…Вазорати Маорифи мо аз ин литсейҳо пуштибон монад?! Ин суоли матраҳ аст, барои аъзои Шӯрои амнияти кишвар…ба шарте, ки фарзандонашон дар ин литсейҳо нахонанд, албатта.

* * *

## ҲАЛОЛУ ҲАРОМ

Вазире маошашро бурда, ба пираш медиҳад ва мегӯяд, ин пули ҳалол аст, аз маошам… Мантиқан суоле пайдо мешавад, ки пули ҳаромро дар тарбияи фарзанд, ғизои хонаводагӣ ва бунёди хона-аркони табордорӣ масраф мекунанд, вузарову руасои мо???

Ин ҳақиқати талхе буд, ки шахсан ман аз нафаре шунидаам. Акнун хулоса кун, хонанда, ки рӯи пули ҳаром, мо-аҳли мазҳаби Ҳанафия чӣ «кадрҳое» тарбият карданием. Воқеан чун сухан сари мазҳаб рафт, кӯтоҳу муъҷаз қиссаи никоҳи волидайни Абу Ҳанифа Нуъмон ибни Собитро меорам:

Падари ӯ себеро аз ҷӯй меёбад ва мегазад ва сипас пушаймон гардидаву роҳи боғеро пеш мегирад, ки аз он ҷо себ ба об уфтода буд. Меояд ва мехоҳад қимати он себро пардозад. Соҳиби себ бар ивази ин «ҷурм» духтараш-модари эмоми моро ба ӯ акди никоҳ мебандад ва аз ин хонадон Эмоми Аъзам таваллуд меёбад!!!

…Амаки ман, худобиомурз-Эшони Зарробиддини сарбандӣ, ки аз ин моҷаро огаҳ буд, боре шакароб мекунаду мебинад, ки помидор надорад. Аз ҷӯяи наздиктарин 2 дона помидор меканад. Чун хобаш мебарад, дар хоб 2 ҷомасапеде омада, аз ҳалқаш медоранд, ки чаро

нопурсида, аз ин мазра истеъмол кардаӣ? Бархоста, давида, пирзоли соҳибро меёбад ва қимати помидорро мепурсад. Он зан мегӯяд, «Бобои Эшон! Дар қадамтон мурам, ин чӣ суханест? Боғи ман харҷи лутфи Шумо бод!». Аммо то пули помидорро намегирад, амаки ман бо 2 дидаи ашкбор пеши он зан сари зону меистад…

Таърифи амакам накардаам: Тафсири аъмоли афродест, ки ба таҳқиқ дар мазҳаби Абу Ҳанифа будаанд…

Ба пиндори ман, дастури нави президенти кишвар, ки талаб кард, аз сохтмони қасру кӯшк рӯ тофтаву вазиру кабиру масъулин сармояашонро ба истеҳсолот ва рушди саноат равона кунанд, нахустин дарки ана ҳамин эмондорист. «Хирс мулло мешавад аз зарби чӯб!». Дастури саривақтист. Зеро ришвахории вузарову кубарои мо афсона шудааст. Мутаассуф, на танҳо дар ҷамъияти мо, ки дар ақсои олам.

Кӯшксозиву кайфу сафо ва холабеғамии сарватмардони мо, ки бо пули ҳароми ришват ин ҳамаро мекунанд, воқеан ҳам ҷамъиятро нигарон кардааст.

Чаро ҷавонони мо «муҷоҳид» ё салафиву ваҳҳобӣ мешаванд? Оё фикр накардаед, ки ин шояд эътирози насли нав ба низоми имрӯза аст? Шояд гастербайтерӣ, муздурӣ, ғуломии русҳо шудан ба дили инҳо задааст? Зеро дар тӯли 23 сол аксарияти ҷавонони мо роҳи алтернативии зистан

пайдо накарданд, ки накарданд… Имрӯз маълум шуд, ки ҷойҳои кории дар рапортҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ буда, ҳосили фаровону пешравии саноат ва ғ. ва ҳ. танҳо дар рапортҳои масъулин будасту бас. Дурӯғ, ки дар мазҳаби мо «Торикии Имон» (Тарки Имон) маҳсуб меравад, дар ҷамъияти мо умқан реша давонидааст. Мазҳабе, ки дурӯғро бадтарин гуноҳ мехонд, имрӯз дурӯғпиндор шудааст. Савганде, ки ману ту, хонандаи ин сутур, ҳар сари қадам аз забони ҷавонону наврасон, ҳатто атфоли пистонбадаҳан мешунавем, гувоҳи ин иддаост:

**«Ба номи Аллоҳ!!!».**

Ин қасамро чунон саҳлу сода ба забон меорад ин насл, ки заррае фикр надоранд, аз паёмади сангини он. Исми «Аллоҳ» дар ҷамъияте, ки аз А то Я дурӯғ мегӯянд, ҷои ҳамон «Очаи дурӯғгӯя…»-ро касб кардааст. Аҳамият деҳ, хонанда, ки аслан афроди дурӯғгӯ савганд мехӯранд. Пайғамбари мо (с) оё савганд мехӯрд? Ӯ амин буд ва ба суханаш мардум бе савганду қасам бовар мекард. Ва ин аст, ки чун даъвии рисолати набавӣ кард, ба ӯ аксарият бовар карданд!!!

Рапортҳои дурӯғини мо, тарзи ҳаёти дурӯғин, хабару иттилоияи дурӯғин ва ҷамъияти дурӯғгӯ ахиран ҳомили насле гардид, ки бар зидди мо барошуфтаанд: То мо ба чанд суоли калидӣ, ки усулан посух ҳам доранд, ошкоро ҷавоб нагӯем, ин насл бо мо нахоҳад буд:

-Кӣ намедонад дар Тоҷикистон, ки андозҳои мо камаршикананду касе бо роҳи расмӣ ба ҷое намерасад?

-Кӣ намедонад, ки ҳама сфераҳои бизнес барвақт банданд?

-Кӣ намедонад, ки дар Тоҷикистон аз миллионер шудан мардуми ғайри «каста» меҳаросанд, зеро бим доранд, ки моликияташонро метавонанд кашида гиранд?

-Кӣ дар бораи «рейдерский захват»-ҳо дар ин кишвар иттилоъ надорад?

Ҷамъбасти тазодди мо содаву саҳл ва умумигӯӣ хоҳад шуд:

-Акнун кӣ ба ин суол посухи конкрет медиҳад, ки оё ин ҳама дилхастагии насли нав аз мазҳаби мо-дурӯғгӯён барнамехезад??????

* * *

# ҶАНГ ВА СУЛҲ

## (Номи матлаб плагиат аст!!!)

Хеле аҷиб наменамояд, ки сулҳофаринҳои мо мардумро бо ҷанг метарсонанд? На танҳо ҳукумат, ки бештар аҳзоби ба ном узви ОТО…

Ин дар ҳолест, ки ягон бор нашнидаам, ба гунаи мисол, Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бо ҷанг касеро таҳдид карда бошад. Нурӣ яке аз меъморони ин сулҳ буд ва табиатан, бо ин дастовардаш моро миннат намекард. Ҳарчанд имрӯз номи Нуриро камтар ёд меоранд, вале ин ки ӯ низ дар ин Сулҳ даст дошт, аксиома аст. «Ҳар чӣ бахшидӣ ба кас ҳаргиз ба ӯ миннат макун!». Ин формулаи мазҳаби Ҳанафия аст. Нурӣ-ку аҳли ҳамин мазҳаб буд, Худо биомурзадаш.

Кӣ ва дар куҷо шунидааст, ки бар тибқи ҳамин формулаи ҳанафӣ аъзои ҳукумат моро бо ин Сулҳ миннат гузошта бошанд? Генералу қумандонҳои собиқ Фронти халқӣ чӣ? Ва ё фармондеҳони даштии ОТО низ боре ин миллатро миннат нагузоштаанд, ки «ман агар Сулҳ намекардам, фалону бисмадон…мешудед…»

Вале замони ахир аз лидерҳои наҳзатӣ, ки ишонро иззат мегузорам, ноткаҳои эътирози таҳдидомез ба гӯш мерасад. Ба гунае, ки

Кабириро бо помидор заданду ӯ мармузона ишора ба арафаи солгарди Протоколи Сулҳ кард. Мабодо, сӯи Кабирӣ тир мекушоданд, ӯ чӣ мекарду чӣ мегуфт?

Аз ин Сулҳ, агар фаромӯш кардаем, 17 сол гузаштааст. Метарсам, ки баъди 70 сол ҳам ҷонибҳо ба ҳамин санаи 27.06.1997 такя карда, ҳамдигариро миннат мегузоранд. Ҳол он ки ин Сулҳи ягон ҳизбу ҳаракат набуд: Ин Сулҳи Фаросати Миллӣ буд!!!

Миннат гузоштан ба миллате, ки мо бо 2 дасти адаб ӯро ба вартаи ҷанги гражданӣ андохтаву дар марзи нестӣ қарор дода будем, малеҳтар карда гӯям, савоб нест, агар вубол набошад.

Сулҳе, ки ба даст овардем, аслан бо он бояд моро то рӯзи вопасин ин Миллат миннат гузорад. Зеро он, яъне Сулҳ-97 номи моро аз тахтаи сиёҳи хотираи Миллатҳо шуста буд. Ва ин ки Миллати Тоҷик моро бахшиду қабул кард, низ сарнавишти хуши мост!

Имрӯз миннатгузорони Сулҳ онҳоеанд, ки усулан дар рӯзҳои наҳстарин паҳлӯи ягон ҷониб набуданд. Кадоме аз мо (хонда шавад-шумо) дар паҳлӯи Сангак, Лангарӣ, Файзалӣ ва ғ. ё Ризвону Гитлеру Мирзо-Ҷага ва ҳ. будед? Инҳо буданд, ки меҷангиданд охир! Мо ҷанг медохтему бас ва аз дури дур, аз хориҷа, аз хаймаҳои арабиву В\Ч-ҳои русӣ равғанрезии ин оташ будем!

Кадоме аз шумо (хонда шавад-мо) бӯи боруту ҷароҳати захми Калашниковро чашидаем?

Он йигитҳо дигар нестанд. Йигитро бе нохунак менависам. Зеро онҳо бо ҳама каму кост фарзандони ҷанг буданд: Ҷанге, ки мо обастан карда будем.

Зимнан ҳар хунрезиву авбошиву қатлу кушту беспределе, ки онҳо доштанд, дар номаи аъмоли мо навишта шудааст. Мапиндоред(м), ки ҷурму нуқси мо бе мукофоти амал мемонад? Касе агар фаромӯш кардааст, хотиррас мешавам, ки Доваре дигар ҳаст, ки барои ҳар яки мо Делои алоҳида кушода медорад ва дар ин парванда гуноҳу савоби мо ҳаккокӣ шудаанд. Шахсан ман фикр дорам, ки ана ҳамон Сулҳ тарозуи савоби аксарияти моро ҷониби Савоб мекашад. Ин шояд ягона амалест, ки моро аз вартаи ахират мераҳонад. Пас, худ бигӯед, ки кӣ бояд аз ин Сулҳ Миллатро миннат гузорад? Абу Ҷангҳо ва ё халқе, ки оғӯшта ба хунаш карда будем?

Ин суоли матраҳ аст, пеши виждони мо. Ва агар онро, яъне виждонро дорем, дигар набояд, барои ҳар проблемаи дохилиҳизбӣ ва ё бизнеси инфиродӣ ангушти ишорат бар сӯи Июни 1997 кунем.

Парадокси ҷамъияти мо ин аст, ки ҳар нафаре ба Миллату Давлат миннат гузошт аз ин Сулҳ, сари таъзим овард. Аммо суол накард, ки «агар оқибати ҳар ҷанг сулҳ аст»-у шумо ин қадар ғами миллат мехӯрдеду ғами мансабу пулу молу

манол на, пас чаро 1 Миллатро ба хотири 3 курсӣ ба 2 майдон ҷудо кардаву Давлатро ба коми аждаҳои ҷанг партофта будӣ(ед).

Миллати мо бахшанда аст. Беҳтарин сифоти Худоро мазҳаби Ҳанафӣ дар таркиби мо кӯчат намуда. Вагарна ин ҷангҷӯёне, ки имрӯз паси номи мубораки Сулҳ ниҳон гардидаву дар мазраи тахаййули Миллати Шариф тухмаи таассуф мекоранд, кайҳо маҳкум мешуданд. Маҳкум ба зиндон на. Маҳкум ба ғазаби Миллӣ.

Вале чун Сулҳ аз они Миллат аст, пас Тоҷик ин ҳамаро бахшид, таҳаммул кард, қурт намуд. Шуморо мо миннат намегузорем, эй ҷангҷӯён!...

Сулҳи мо-Миллати Тоҷик бар шумо-Абу Ҷангҳо муборак бошад! Ин Сулҳро мо пос хоҳем дошт. Мӯҳтарам сафирони Англияву Амрико, Иттиҳоди Аврупову Ғарбу Шарқ ин нуктаро ба хотир доред ва ё беҳтараш дар бинии худ нависед:

-Мо Миллати ҷангием! Аммо дигар бо худ на, ки бо душманони Тоҷикистони азиз хоҳем ҷангид ва он 2-3 фурӯхташудае, ки бар хизмат гумоштаву аз онҳо чун Кӯҳи Қоф пуштибонӣ мекунед, ба дарди шумо намехӯранд.

Зеро Мо Метавонем!

* * *

## ГИМНИ ОНҲО ВА АЗ МО

Дар Мундиал, Чемпионати Ҷаҳон оид ба футбол дар Бразилия, ман шоҳиди патриотизми беш аз пиндори ширкатдорони ин сабқат шудам. Агар ту ҳам, хонандаи ин сутур, аҳамият додаӣ, аъзои дастаҳо Суруди Миллӣ ё худ Гимни давлаташонро бо пафоси баланд ва сидқан мехонанд. Зеро онҳо ба Гимн ва Давлати хеш эмон доранд (Формулаи эмонро ба хотир биор: иқрор бо забон ва тасдиқ дар дил! Ин формула ба ҳамагуна эмондорӣ, бовар ва эътимод, посухгӯст ва гиребон гирифтаву тавба накун, ки Сайёф чиҳо мегӯяд?!).

Ин садоқату эмондорӣ ба вежа барои сокинони давлатҳои Амрикои Лотинӣ хос будааст. Ва агар боз ҳам аҳамият додаӣ, хонанда, дар ин чемпионат амдан оҳангро хомӯш мекунанд ва стадион, ки ҳомили 40-50 ҳазор нафар аст, бо 1 садо суруд мехонад. Ана инро патриотизм мегӯянд! Чизе, ки дар мо аслан нест. Зеро чунин эҳтиром бар Суруди Миллӣ дар мо на танҳо мушоҳида намешавад, ки усулан вуҷуд надорад.

Ба гунаи мисол, мо суруди «Диёри арҷ…»-ро дили нохоҳам мехонем. Ҳама! Шумо 1 мисол оред, ки Гимнро дар ягон варзишгоҳ мунтахаби миллии мо бо 1 овоз хонда бошад. А, стадион чӣ?

Пас куҷо менигарад, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ? Чаро ин Кумита корро тавре роҳандозӣ намекунад, ки дар варзишгоҳҳо мардум бо 1 овоз Гимн хонанд? Таъсиси мунтахаб кори ФФТ аст. Вале тарбияти аъзои он кори Кумитаи давлатист.

Парадокс ин аст, ки инҳо натанҳо Гимнро намехонанд, ки намедонандаш! Гарав мебандам, дастаи мунтахаби мо Суруди Миллиро намедонад! Зеро агар аз 1 сӯ ин ба бепарвофалакии масъулин бастагӣ дошта бошад, аз тарафи дигар…Гимни мо хеле дароз аст. Варианти кӯтоҳи онро бояд кашф ва пешкаш намуд. Ва аз ҳама муҳим, футболисте, ки ба Гимн арҷ намегузорад, магар метавонад худро 100% дар майдон қурбонӣ кунад, то номи миллату давлаташро боло бардорад?! Мисли мексикоиҳо, мисли бразилиҳо…

…Ман ҳамчун танз Суруди Миллиро бо номи «Диёри арҷ…» наовардаам, дар боло: Аз дилхоҳ кӯдак суол кун, хонанда, ки Суруди Миллиро медонад? Мегӯяд, на! Вале агар пурсӣ, ки «канӣ сар кардем, бачем, Диёри арҷ…»…шуруъ мекунад ба сурудани Гимн.

Аз кӯдакистону варзишгоҳҳо биёед гузарему саре занем ба худи дохили давлат. Дар маҷлисҳои ҳукумат, иттифоқ уфтодааст, ки буда бошам ва кам чиновникро дидаам, ки ҳини сурудани Гимни Давлат 1% садоқати мухлиси нимаурёни бразилиявиро дошта бошад. Дар маҷлису

толорҳо Гимнро тарзе месароянд, ки пушаймон мешавӣ, ки чаро инҳо умуман Суруди Миллиро бояд тараннум кунанд? Маъзарат мехоҳам, вале сурудхонии чиновникҳои гуногунмартабаи мо, масали «ӯзбакиву зӯракӣ»-ро ба ёд меорад. Зеро инҳо то дастури вежаи сарвари давлат садо надод, аслан матни Гимнро намедонистанд. Аммо баъди ба тариқи «зӯран ихтиёрӣ» аз бар кардани «Диёри арҷ…» онгуна бе хуш, бе ҳавсала ва дили нохоҳам Гимн месароянд, ки фикр мекунӣ, ҳамин ҳоло дастури қатли ишон садо медиҳад ё ҳукми ҳабси абадашон: ба ҳамин ҳадд дилсарду пушаймонанд садову қалбҳояшон…

Ман дар чашмони вакилону вазиронам, ки Суруди Миллиро дар парлумону толорҳои Давлат сароида, мутаассуф, боз тариқи ТВ-ҳои марказӣ, ба маъраз мегузоранд, ақаллан оташи фахри мухлисдухтари нимбараҳнаи бразилиро дар варзишгоҳи ба номи «Гаринча» надидаам! Аз ҳамингуна чиновник умеди садоқат ба Давлату Миллат, Ватану Ҳукумат доштан, аслан содалавҳист.

-Нафаре, ки Суруди Миллиро баъди дастури президент аз бар мекунад, оё метавонад онро аз сидқи дил сарояд?

-Нафаре, ки Гимнро бо ҳаяҷони ботинӣ намехонад, метавонад фарзандашро ба Армияи камбағалон гусел кунад?

-Нафаре, ки фарзандашро ба Армия гусел намекунад, метавонад ба ин Давлат садоқат дошта бошад?

Суолоти риторикӣ ва васлкунандаанд, албатта. Вале тазодди моҷаро дар дигар пурсиш ниҳон аст:

-Худат ҳини сароидани Гимни Давлатат чӣ эҳсос мекунӣ? Оё ману ту, хонандаи ин сутур, оре, маҳз туе, ки фикр кардӣ, «Сайёф маро дар назар дошта бошад?» садоқати рӯҳу ҷон ба Суруди Миллӣ дорем, ба ҳадди 1 гулдухтари нимаурёни бразилиявӣ?

То ба ана ҳамин суол посух нест, амнияти ману ту дар хатар аст. Зеро ману ту депутату вазиру чиновники потенсиалии ояндаи ҳамин давлату миллатем.

Сахт гуфтам? Мо Метавонем!

* * *

## 2x2=1
## Аз нек боғ-аз бад доғ (масали мардумӣ)

Рӯзи 07.07.2014 Эдуард Шеварднадзе, инженери бозсозӣ (таъбири Ғарб), дар синни 86-солагӣ, дар ғурбат (гурҷиҳои асил ронда будандаш) аз олам даргузашт. Тобонтарин нуқтаи фаолияти сиёсиаш ин буд, ки меҳнати 30-солаи ҳамшаҳрияш-Иосиф Сталинро барҳам зад. Яъне дастранҷи Сталин-СССРи абарқудратро бо 2 дасти адаб, бо ёварии Горбачеви аблаҳниҳод аз байн бурд.

Шеварднадзе, аккурат, антипод, парадокси Сталин буд. Дар бораи Сталин сарсахттарин оппоненти давлати шӯроҳо, Уинстон Черчилл навишта буд:

**-Ӯ давлатро бо плуг гирифта, бо бомбаи атомӣ ба мерос гузошт!**

Дар бораи Шеварднадзе ман мегӯям, ки:

**-Ӯ давлатро бо бомбаи атомӣ гирифта, бо плуг ба мерос гузошт…**

Ин ки дар дашту дамани мо плуг, юғу испор ва говронаву кишти дастӣ, дар асри XXI мӯд ва неоғуломии Тоҷику ӯзбаку қирғизҳо роиҷ шудааст, кори дасти ҳамин нафар аст.

Маро дуруст фаҳм, хонанда, ҳаргиз зидди истиқлолият на будаму на ҳастам; гузашта аз ин ман аз зумраи он диссидентҳоеам, ки барои ин

истиқлолият муборизa мекард. Вале ин истиқлолият дар баҳои кадом нархе ба дасти 15 ҷумҳурии собиқ сотсиалистӣ омад?

Дархости мо озодӣ буд, вале на бар ивази хун. Мо ҷонибдори эволюция будем, на революция. Вале «инженери бозсозӣ» коре кард, то СССР дар чанд рӯз барҳам резад ва дар кишвари шӯроҳо шӯру ошӯбу инқилобҳо таваллуд ёбанд. Ҳар нафаре фикр мекунад, ки Шеварднадзе-Вазири хориҷаи СССР аз обҳои зерзаминии сиёсӣ ва хунрезии қарибулвуқуъ дар ОМ, минҷумла, Тоҷикистон хабар надошт, хато мекунад. Ин Шеварднадзеҳо буданд, ки давлати шӯравиро ба хоку хун кашиданд ва роҳҳои инқилоби демократӣ-исломиро дар РСС Тоҷикистон тарҳрезӣ намуданд. Зеро шикасти шӯравӣ бояд бо таркиши гӯшношунуфт хатм мешуд ва алангаи ҷанги Афғонистон тавассути Тоҷикистон ба Осиёи исломӣ кӯч мебаст.

Хиёнат ба миллат, давлат, ватан ва мардуми шӯравӣ дар хуни ин нафар ниҳон буд. Шеварднадзе корро аз он оғозид, ки дар солҳои 1965-1972 тамомии элитаи гурҷиро дар РСС Гурҷистон репрессия карда, сарвари ин республика таъин шуд. Ин дастнигари Кремл баъди чунин миллатфурӯшӣ дар соли 1985 ба Маскав даъват ва Вазири хориҷаи СССР таъин гардид. Бо сари кор омадани Эдик ҷанги сард гӯиё гарм шуд. Ғарб дигар «душмани рӯирост» набуд; акнун Амрикову Англия ва Исроил дар

ҷомаи дӯст бо мо душманӣ мекарданд. Натиҷаи ин дупогонӣ 100% эффект овард. Эдику Горбач дар тӯли ҳамагӣ 4 сол абарқудраттарин давлати оламро касоду касиф карданд. Бар ивази чӣ? Бар бадали чанд виллаву чанд купюраи долларе, ки сипас дар Олмон ба он соҳиб шуданд.

Баъди барҳам рехтани СССР ин ҷосуси Ғарб ба Гурҷистон рафта, тавассути табаддулоти давлатӣ президенти он Звиад Гамсахурдияро сарнагун намуд ва то соли 2003 президенти ин кишвар таъин шуд. Вале тибқи ҳушдори бобои Рӯдакӣ

***«Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,***
***То кас накунад ранҷа ба даркӯфтанат мушт!»***

...тавассути инқилоби Амрикоӣ-Аврупоӣ-Исроилӣ, ки пешвояш Ҷорҷ Сорос буд, афганда, шарманда ва ронда гардида, ба виллаи олмонияш кӯч баст, ки он ҷо фарзандону наберагони фурӯхташуда интизораш буданд.

Ҷои ӯро Миша Саакашвилӣ, гурҷии дигари на камтар аз аввалӣ камхирад гирифт ва дар авҷи шӯҳраи популистии худ андармон, Гурҷистонро 3 қисм карда, ба Русия тақдим намуд.

Шеварднадзе чи хел мурд, ман намедонам. Вале шахсан ман ва миллионҳои дигар мунтазир будем, ки ин рӯбоҳи пир, сархӯри СССР, дар лаҳзаҳои охирини умр пушаймон шудаву аз 280

млн табааи шӯравӣ пӯзиш мепурсад ва ҳақиқати коллапси СССР-ро фош мекунад. Аммо ман ӯро мардтар мепиндоштаам. Дар асл ин рӯбоҳи занмизоҷ натавонист ҳатто дар соати марг ҳувияти мардӣ нишон додаву он ҳақиқатро фош созад. Мурд ва ҳама асрорро тавъам бо лаънати мардумӣ бо худ ба гӯр бурд.

Акнун интизор бояд шуд, ки шояд қабл аз фавт Горбачеви камхирад, ақаллан барои таскини рӯҳи худаш, он ҳақиқатро ифшо месозад?! Ҳарчанд, инаш аз ваяш номардтар буду ҳаст…

Таърихи давлатдорӣ парадоксҳои барзиёде дар хотир дорад. Аммо ба пиндори банда, муҳимтарин ва бузургтарин тазодди олами сиёсӣ ҳамин 2 гурҷӣ буданд: Яке давлате абарқудрат офарид аз ҳеҷ чиз! Ва дигарӣ он абарқудратро ба ҳеҷ чиз баробар кард.

Ин парадокси носталжие беш набуд, ки шояд барои хонандаи насли нав номафҳум аст. Аммо солмандон, онҳое, ки замоне худро бо фахр гражданини СССР мехонданду барои ин давлат дар Аврупову Амрико, Кубаву Афғонистону Вйетнаму Байконуру Шарқи Дур ҷон нисор мекарданд, маро, ох как, дуруст дарк карданд: Мо Метавонем!

* * *

# ТАФАККУРИ ҶАМЪИЯТИ МО БАТАР АЗ ҲАЗОРАИ ҚАБЛИСТ

***Хез, то хирқаи сӯфӣ ба харобот барем,***
***Зарқу томот ба бозори хурофот барем…***

Ҳар мисраъ ва байту порае, ки дар ин матлаб меояд, аз клоссикони адабиёти Тоҷику форс аст; аз онҳое, ки қории Қуръон ва ҳофизи комили китоби Худо будаанд. Мо номҳоро ҳадафмандона инкогнито меорем. Онҳоро ҷӯед, ёбед ва хонед! Зеро то клоссикони худро нахонем, дар гиле дармондаем, ки хурофот ном дорад. Вале дар ин матлаб сухан сари дигар чист:

-Чигуна ин ҳамаро дар тӯли ҳазорсолае беш ин миллат дар худ гунҷонидаву то даврони мо ҳифз карда, овардааст? Ба давроне, ки андеша танг, менталитет борик ва интеллект паст аст.

Шумо тасаввур карда метавонед, ки дари хонаи узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро дузданду дари масҷидеро оварда, ҷояш васл кунад ва чун сабаб пурсанд, гӯяд:

Ӯ дуздро медонад, ки кист? Ва то номашро ба ман фош накунад, дарашро нахоҳам дод!

Дар асри 21 чунин завқи закиро агар сангборон накунанд, пас ҳатман террораш мекарданд ва кофараш мехонданд. Аммо ҳазорон сол пеш клоссикони мо ин корро кардаанд. Парадокси ҷамъияти 1000-сола пешро аз

ҷамъияти имрӯза диди, хонанда? Куҷо равонаем? Сӯи пас? Ҳаргиз на! Тазодди моҷаро ин аст, ки дар пас мо рӯшноӣ дорем; мо сӯи пеш, ҷониби торикӣ раҳ мепӯем ва касе намедонад, ки ҳодии мо ба ин сияҳии том кист!

Дар бораи кофархонӣ:

Комил Бекзода ва Зиё Абдуллоро дар асри 21 кофар хондем. Барои чӣ? Барои андешаи ишон, ки ба тафаккури полудаи мо монанд нест. Онҳо нагуфтаанд, кофарем. Вале чун мо тавони бардошти андешаи ғайр ва баҳси илм надорем, бо 1 ҳарф дилхоҳ оппонентро хати бутлон мекашем: Кофир!

Аз клоссикон аст, ки мегӯяд:

**-Ҳар, к-ӯ на хар аст, кофараш мехонанд!**

Мантиқан, ҷамъияти харон индивидро аз пеши худ кофар мехонад. Клоссикони мо ба ин хурофот туф карда буданд. Аммо интеллигенсияи мо, ки интеллекти паст дорад, аз инчунин ҳукм чун дев аз садои Қуръон метарсад:

**-Дев бигрезад аз он қавм, ки Қуръонхонанд!**

Ростӣ, ман сароғоз фикр мекардам, ки ба бузургони миллат чӣ қадар мушкил буд дар он даврони тору танг бори андеша кашидан. Аммо ҳамакнун сари андешае қарор дорам, ки замонаи мо тангтару сияҳтар аз дилхоҳ маҳдудаи таърихии қабл будааст. Зеро агар имрӯз ин пораро шоире мегуфт, фахри масҷиду маҳофили рамазонӣ мегардид:

***Ҳар узвро бидон, ки ба таҳқиқ Рӯзаест,***
***То рӯзаи ту Рӯза бувад назди кирдгор.***
***Аввал нигоҳ дор назар, то рухи чу гул,***
***Дар чашми ту наяфканад аз ишқи хеш хор.***
***Дигар бубанд гӯш зи ҳар ношуниданӣ,***
***К-аз гуфтугӯи ҳарза шавад ақл торумор.***
***Дигар забони хеш, ки ҷои санои Ӯст,***
***Аз ғайбату дурӯғ фурӯ банд устувор…***

Беҳтарин шеър аст. Аммо на пеши аҳли завқ. Зеро раддабандии оддии характери Рӯза аст. Ва аммо ана ин байт шоҳкорист:

***Рӯзаро гар ҳаст пеши аҳли олам иззате,***
***Пас чаро аз рафтани ӯ …ид бар мардум шавад?***

Ин андеша аст! Ин фикр аст!! Ин шеър аст!!!

Шеър, ки ҳаст, онро миллати ману ту, хонанда, қабул, дарк ва ҳифз намудааст. Тасаввур мекунӣ, ки имрӯз Бозору Лоиқ ё Қаноату Гулрухсор чунин мегуфтанд, бо онҳо чӣ кор мекардем?

Ва ё дигаре мегуфт, ки:

**-Мо май Рамазон хӯрем, к-он хосаи мост!**

Ва ё:

**-Закоти ҳусн бидеҳ пеши маҳу Рӯза магир…**

Ва ё:

**З-он бода, ки дар мастабаи Ишқ фурӯшанд,**

**Моро 2-3 соғар бидеҳу гӯ: Рамазон бош!**

Шояд хонандае нукта бигирад, ки клоссикҳои мо дигар чиро дар назар доранду ин Сайёф чӣ мегӯяд? Ман медонам, ки онҳо ЧИРО дар назар доранд! Вале аз барои савоб ҳамин мисраъҳоро шоире дар асри 21 гӯяд, магар террори маънавиш намекунем? Ман доимо ва пайваста меандешидам, ки чигуна аз қаъри қурун ин шоҳбайту шоҳмисраъҳо то даврони мо «зинда» расидаанд? Ва ман сари хулосаи фавқ ист фармудам:

-Ҷамъияти имрӯзаи мо ғариқи хурофот гардидаву дар баҳри таассуб дармондаву дасти ташвир мезанад. Дар ҳоле ки ҷамъияти табори мо-Тоҷикон вораставу зебо, озоду таҳаммулпазиртар аз имрӯз будааст! Ва дар ин моҳи Шариф ва Қудсӣ аҳли фикрро фарз аст, ки ба ин миллати дармонда закот диҳад; закоти андеша, закоти фикр, закоти интеллект, закоти менталӣ, закоти вораста, зеро ин ҷамъият фақиру камбағалу закотситон гардидааст:

***Гар ту хоҳӣ закоти хубӣ дод,***
***Мо фақирему мустаҳиққи закот…***

Тамом вассалом!

* * *

## АЗ ГАРСЕВАЗ ТО МУЛЛО АБДУЛЛО

*Ҳама сарбасар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем!!!*

**(«Шоҳнома». Даъвати Гарсеваз бар зидди Рустам)**

Оре, ин байти дӯстдоштаи мо, ки баҷову беҷо корбаст менамоем, шиори Гарсеваз, Душмани №1 барои Эрон, қотили Сиёвуш ва манфуртарин чеҳраи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ барои мо-Тоҷикон аст. Вале бузургии Фирдавсиро бин, хонанда, ки чигуна пафоси кишварпарастии 1 низомии тарафи муқобилро месарояд. Зеро Душман агар мардона несту заъифу бечораҳол аст, қаҳрамонии миллати ғолибро зери суол мекашад.

Чандин сол муқаддам, ки маъракаи пастзаниҳои Миллати Шарифи Тоҷик дар Русия дар авҷ буд, 1 генерали руси ҳамсабақи питербургиям гуфт, дар бораи қаҳрамонии сарбози рус дар Тоҷикистон 1 кинофилм таҳия карданиям. Ҳамкорӣ мекунӣ? Гуфтам вақт надорам, вале 1 маслаҳатат медиҳам: «Зинҳор мисли дигар сенариянависони камзавқу шовинисти ҳаммиллатат Тоҷикро дар филмат паст назан, ки обрӯи қаҳрамонҳои русиат мерезанд». Он филм рӯи кор омад ва чеҳраи

марди Тоҷик, ҳамчун ҷанганда, мардона тасвир ёфт. Ҳам обрӯи қаҳрамони рус боло рафту ҳам имиҷи Тоҷик коҳиш наёфт. Хонандаи закӣ пай бурд, ки дар бораи кадом филм сухан меравад: Мо Метавонем!

Мушкили миллати рус аст, ки душманро бо ҳар роҳу восита паст мезананд ва таҳқир мекунанд. Ёд доред, киноҳои советиро, ки 1 бобои Ғулом 100 немисро бо чӯбча «хенди хох» мегуфту ҳама аз тарс даст мебардошт? Дирӯз онҳо Тоҷиконро таҳқир мекарданду имрӯз украиниҳоро паст мезананд. Вале ин проблемаи худи русҳост. Мушкили миллии мо ин аст, ки мо на танҳо аскари дигарро аз ҳад беш боло бардоштаву сарбози Тоҷикро паст мезанем, ки Армияи худро аслан қадршиносӣ намекунем. Сухан сари имтиёзоти сарбозон аст.

Ба гунаи мисол, 26 шоҳбаччаи камаровӣ, ки қурбони террористони зархариди мулло Абдуллову Алии Бедакӣ шудаанд, чӣ қадрдонӣ аз давлату ҳукумат, вазорати мудофиа ва Горди президентӣ диданд? Аслан номашонро дар тӯли 4 сол аз хотираи миллат шустем! Ба ҷуз газетаи СССР касеву чизе нест, ки инҳоро ёд орад. Мо ҳатто ба падару модари ин далерон, ки барои оромии хоби ману ту, хонандаи ин сутур, ҷонашонро қурбон кардаанд, имтиёзе надодем. Ҳарчанд нек дар хотир дорем, ки ҳамагӣ 23 сол қабл, дар даврони советӣ имтиёзе бо номи «Модари солдат» буд. Воқеан ҳам, абсурди вазъ

ин аст, ки давлати шӯравӣ несту чунин модарон агар мондаанд, ҳанӯзам аз ин лгот бархурдоранд. Вале модарони қаҳрамони овони Истиқлолият фаромӯш шудаанд. Зеро қонун нест…

Имтиёзро барои мурдаҳо ва ё модарони сарбозони фавтида намедиҳанд. Имтиёзро давлат барои ҳифозати худ медиҳад! Зеро ҳар нафаре, ки фардо бо даъвати Ватан ба фронт рафт, мутмаин аст, ки номаш аз хотираи миллат зудуда намегардад ва модару падар, зану кӯдакашро то абад давлату ҳукумате, ки ӯ барояш ҷон нисор карданист, ҳимояти иҷтимоъ ва қонунӣ хоҳанд кард!!! Ин мантиқи содаву саҳли лготҳои сарбозист. Ин мушкилро бояд парлумони кишвар ҳатман ҳал кунад. Зеро агар давлати мо ба сарбози шуҷоъ имтиёз намедиҳад, пас гурӯҳҳои табаҳкор ин лготро доданиянд: Онҳо барои ҷавонони камхонда шаҳодат ва биҳишти адн ваъда мекунанд...

Яке аз пешвоёни ҲНИТ дар соли 1998 пресс-конфронс медод, ки пурсидамаш, барои онҳое, ки бар Шумо бовар кардаву шахсан аз паси Шумо рафтаву фавтидаанд, магар имтиёзе қоил мешавед? Гуфт:

Онҳо Биҳишт рафтаанд.

Гуфтамаш, аввал ин ки номаълум аст куҷо рафтаанд, вале агар рафта ҳам бошанд, он имтиёзро ба онҳо Худо додааст, на Шумо. Шумо конкрет гӯед, ки ба хонаи ҳамон фавтидаҳо боре гузар кардаву дасти атфоли ятимашонро

доштаед?… Шок шуд! Зеро ин фикр аслан ба сараш ҳам наомада буд.

Зимнан, хонанда, Биҳишт имтиёзи Худост барои муъминин, яъне аҳли имон. Думболаи ин ваъдабозон, ки ба мо командировочнийҳои ҷаннат медиҳанду маълум нест, ки худашон кучо меафтанд, нарав!!!

Вале дар ин баробар, Давлати дунявии мо бояд имтиёзҳои назаррас барои қаҳрамонҳои Армияи худ диҳад. Маблағро бояд ёфт. Зеро агар ба гунаи мисол, модарони ҳамон 26 сарбози камаровӣ пули баркро надоданд ва ё фарзандонашон бе пул дар мактабҳои президентӣ ва литсейҳои давлатӣ хонданд, ягон хишт аз боми осмон канда шудаву бар сари ягон генерали мо намеафтад. Вале агар ин генералҳо дар фикри сарбоз бошанду аз ҳукумат ва парлумон қотеъона талаби имтиёз барои солдати қаҳрамон кунанд, нафаре ёфт мешавад, ки дар рӯзи мабодо, ҳамон хишти аз сақфи осмон уфтодаро бо синааш сипар кунад. Зеро ба ин генералу ин давлату ин ҳукумат бовар дорад: Бовар дорад, ки номаш сабт, хотираш шод ва модараш соҳиблгот мегардад.

Вале то он дам, агар касе аз аъзои ҳукумат, парлумон ва генералитет ин мушкилро дарк накардааст, бояд донад, ки ин проблеми инфиродии ӯст, ки кайҳо онро бар мушкили миллӣ табдил додааст: Мо Метавонем!

* * *

## 365-5=365

Миллати мо барои худаш фарзанд мезояд, тарбият мекунад, ба воя мерасонад. То дар пирӣ сутуни худаш буда бошад. Падарони мо барои бобоҳо зистанду мо барои падарон, фарзандони мо бояд барои мо зиянду набераҳоямон барои фарзандонамон ва ҳамин тавр то беохир…мо бояд эксклюзив хидмати хешӣ кунем. Мо аслан ва усулан барои худ зиндагонӣ намекунем: Мумкин нест! Айб аст, шарм аст, ай-яй-яй..дигарон механданд: Мо бояд ҳатман барои касе умр ба сар барем.

Миллати мо то 10 фарзанд мезояд ва умед дорад, ки ҳамаи онҳо пагоҳ (писарон) тобутбардораш мешаванд, сари гӯраш ояи Қуръон мехонанд, рӯзи ҷанозааш (духтарон) фиғону навҳа мекашанд. Ин орзуи ҳамешагии Тоҷик аст…

Вале аврупоиву амрикоӣ ҳамагӣ 1 то мезояд ва ӯро дар рӯҳияи дигар-Хидмат ба Ватан ва Миллат, худафрӯзӣ, худпарастӣ ва Эгои бартарӣ аз дигар қавму қабоил тарбият мекунад. 1 амрикоӣ ва ё 1 аврупоӣ чемпиони олимпиада, футболисти машҳур, миллионер, миллиардер, қаҳрамон, химик-бомбасоз, физик-ядрочӣ, математик-программист мешавад. Ва даҳҳо тан аз насли мо, ки дар рӯҳияи хизмат ба падару модар

тарбият ёфтаву чизе берунтар аз инро надида(ем), мисли дигар осиёиҳои бечора, умре пойбанди ана ҳамон 1 амрикоӣ ва 1 аврупоӣ мемонад(ем). Намемонем? Ещё как мемонем! Зеро мову падару бобову бобокалонҳои мо пойбанд ва вассали бобоҳои амрикоиву аврупоианд. Чунки барои фатҳи олам не, барои чемпиону қаҳрамон шудан не, ки хизмати падару модар тарбият мегирифтанд. Зеро тарбияти мо дигар асту аз амрикоиву аврупоӣ дигар!!!

Мо 10 писар дорему 9-ашро агар «облава» бурд, тамом, адо, капут. Мошинамонро мефурӯшему ӯро аз Армия мегурезонем. Вале амрикоие, ки 1 писар дорад, шарафмандона ӯро ба Ироқу Афғонистон, даҳҳо ҳазор километр дуртар аз хонааш ба ҷанг мефиристад. Зеро бовар дорад, ки он ҷо манофеи Амрико пушти по шудаанд: Писари маликаи Англия дар Афғонистон меҷангаду фарзанди 1 вазири мо дар марзи Исфара ҳич гоҳ хизмат нахоҳад кард. Фарқиятро дармеёбӣ, хонанда?

Барои раҳоӣ аз ин мушкил бояд тарбиятро дигар кард. Раҳо кун, хонанда, ақаллан 1 фарзандатро. Бигзор дар хидмати Давлату Миллат бошад…

Боре, дар зодрӯзи, намедонам чандумин фарзанди Сӯҳробшоҳи Фаррухшоҳ, ки ҳама дуо мекарданд, хизматгори модару асои падар дар пирӣ шавад, чу навбат ба ман расид, гуфтам:

-Худоё, ҳич гоҳ ин фарзанд хизматгори Сӯҳробшоҳ нашавад ва ҳич гоҳ Сӯҳробшоҳ низ

мӯҳтоҷи ин фарзанд нагардад. Бигзор ин писар хидмати Ватан ва Давлаташро кунад (Ҳама аз ин дуоям ранҷид, бидуни худи Сӯҳробшоҳ)…

Воқеан ҳам чаро фарзанди мо, маҳз бояд хидмати ману туро кунад, хонанда? Бигзор барои миллат, давлат, Тоҷикистон хизмат кунад. А, барои омода кардани фарзанди миллату давлатпараст, пеш аз ҳама бояд худро аз…фарзанд раҳо кард.

Мо дар 1 сол 365 рӯз дар хизмати фарзандонем. Хидмати мо берунтар аз чойу нон додану панду насиҳат кардан ва ҳатман миннат гузоштан, ки «падарлаънат нони додагиамро ҳалол кун!» убур намекунад. Хидмати мо атрофии тамаъ чарх мезанад: Фарзанд бояд ҳатман дар пирӣ асои худи мо гардад!...Модарони мо, маро бубахшанд, аммо ҳақиқатро мегӯям, барои он тифлро шир медиҳанд, ки дар пирӣ ин ҳама хизматро ба онҳо баргардонад. Вагарна дуои модари Тоҷик, ки ширамро намебахшам, аз куҷо маншаъ мегирад?

Ман дирӯз эксперимент гузаронидам. Таърифи хеш надорам. Роҳи раҳоӣ аз бунбасти мушкили миллӣ меҷӯям ва бо ту, хонандаи ин сутур, маҳз туе, ки фикр дорӣ, Сайёф шояд маро дар назар надорад, аз таҷрубаи худ ҳарф мезанам. Ман ҳама фарзандонамро барои 5 рӯз ба ҳар сӯ равон кардам. Ҳадафам ин буд, ки аз 365 рӯз ақаллан 5 рӯзашро дуздему харҷи хеш созем. Чун Тоҷики асил, ту ҳам медонӣ, охир, ки мо Тоҷикон 365 рӯзро дар 1 сол сарфи атфол ва меҳмон

мекунем. Бадбахтии мо низ дар ҳамин аст, ки барои худ вақт надорем, намеёбем, намедуздем онро, яъне вақтро. Бадбахтии бадбахтии мо боз он аст, ки ҳамон меҳмонҳое, ки мо умрро сарфи онҳо кардаем, зиндагонияшонро дар навбати худ харҷи…дигар меҳмонон мекунанд. Ва ин бесарукалобагӣ то беинтиҳо давом дорад!!!!!!!

Хулласи калом, мо танҳо мондем. Шаҳр баромадем. Ман дар тӯли 20 соли ахир пойтахтамро ДИДАМ! Пойтахт хеле зебо будааст. Поркҳо доштааст, кинотеатру театрҳо, ресторану тарабхонаҳо, консерту гулгашту пиёдаравҳо, фаввораҳову аквапаркҳо, «американские горки», «киштии пиратҳо» ва муҳимтар аз ин ҳама: ин шаҳр шом ҳам доштаасту шабу рӯз ҳам…Ман ин Давлатро дӯсттар доштам! Муҳимтар аз ин: Мо, волидайни 5 фарзанд, дар ин чанд рӯз ҳис кардем, ки мо ҳам ОДАМ будаем. Мо 5 рӯз барои худ зистем ва…медонӣ барои чӣ, хонанда? Барои он ки ақаллан 1 фарзанди ман дар оянда 5 рӯз хизмати Ватанро кунад. Фикр мекунам, ин 5 рӯзи озодӣ на танҳо ба нафъи ман, ки манфиати фарзандон низ шудаву дар оянда ҳатман ба кассаи Миллат фоида меорад. Ва агар ман МО шавем, медонед, чӣ мешавад? Оре, Мо Метавонем!

* * *

## АНДЕШАИ ТАРС ВА ТАРСИ АНДЕША

Тарс! Ин ягона меъёрест, ки тибқи он моро таваллуд мекунанд, мепарваранд, тарбият менамоянд, калон мекунанд, мехононанд, ба кор мегиранд, ба нафақа гусел менамоянд ва ба дасти хок медиҳанд…

Кори мо ба ҳаддест, ки модари нозанини мо барои хоби роҳатамон ҳатман аз Аҷуку Буҷуке қисса мекунад, ки агар нахобем, «омада моло мехулллаааддд». Зимнан бояд бачаи хуб шуд. Хоб бояд кард, то Аҷуку Буҷук аз Кӯҳи Қоф фаромада, моро фурӯ набаранд. Туро намедонам хонанда, аммо ман 6 сол шуд, ки ба писари 7-солаам Мубориз ҳар субҳу шом исбот мекунам, ки Кӯҳи Қоф нест, Деву Аҷина дурӯғ аст ва ягон кӯдакро ягон Аҷуку Буҷук дуздида ба он адрес, яъне Қоф набурдааст…

Тарс на танҳо дар тарбияти мост. Агар таваҷҷӯҳ кардаӣ, до… и после…муллоҳои мо танҳову танҳо тавассути Тарс моро сӯи худо ҳидоят мекунанд! «Ъэй мардум! Фардо рӯзи қиёмат!!!...» Дигар ҷои шарҳ нест, зеро тибқи дастури муллову мавлавиҳои мо, ҳамаи мо-Тоҷиконро барои гуноҳҳои кабираву сағираву будаву набуда…дар оташ меандозанду бо анбӯрҳои суп-сурх (фантазияи муллоҳо ба ҳаддест, ки мегӯӣ аз кузнитсаи дӯзах ҳамин ҳоло

баромадаанд!), фалону бисмадон ҷоямонро тоб медиҳанду мешикананду мепазанду месӯзанд.

Халқи мо кайҳо дигар паси ин пардаи Тарси до…муллоҳои мӯҳтарам бузургтарин хислати Худоро, ки дар сархатти феҳристи хӯю атвори он Зоти Пок қарор дорад, яъне Бахшояндаву Меҳрабонро фаромӯш кардааст. Фаромӯш кардаем, ки Қуръони Маҷид низ маҳз бо барчидани ҳамин хислатҳо шуруъ мешавад, ки Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим аст… Ва Ҳофиз аст, ки мегӯяд:

***Саҳву хатои банда гараш эътибор нест,***
***Маънии афву раҳмати Омурзгор чист?***

Ташреҳи формулаи Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим аст, дигар. Вале моро бо Тарс ба Худо наздик кардан доранд ва ин моҷаро ҳадди ақалл 23 сол аст давом дорад! Парадокс, аммо факт аст, ки сар аз Истиқлолияту додани микрофон ба дасти муллоҳои но… ва ё нав… хонда, дигар мо аз Тарс ба Худо эмон меорем. Ҳол он ки эътиқод бояд зи сари Муҳаббат бошад! Ҳамон Ҳофиз аст, ки дар бастагӣ ба моҷарои мо меафзояд:

***Ишқат расад ба фарёд, ар худ ба сони Ҳофиз,***
***Қуръон зи бар бихонӣ дар 14 ривоят…***

Ҳамин дӣ будӣ, ки нафаре дидам бо чашмони аз шодӣ лабрез ва қалби аз фараҳ дар таппиш, мегуфт, «Беҳтарин китоберо дар бораи шинохти Худо аз пасандози худ нашр кардам!» ва лутф кардаву 1 нусхаи онро ба дасти ман қаппонд. Маъзарат хостаму китобаш нагирифтам ва гуфтам, ки ман вақти ин сафсаттаро хондан надорам. Ҳайрон монду гуфт, ки ин ҷо илман исбот шудааст, ки Худо ҳаст!!! Ба ӯ гуфтам ва ба ту ҳам мегӯям хонанда:

-Ман Худоро бо ақл шинохтаву дар дил муҳаббаташ баргузидаам ва Медонам, ки Худо ҲАСТ! Зеро ман калимаи шаҳодат гардонидаам, аркони исломашро писандидаам ва китобҳояшро қабул дорам. Пас чаро боз китоберо хонам, то бовар кунам, ки Худо ҳаст?! Ман ҷои ин сарфи вақти беҳуда бо ягон кори фоидаовартар банд мешавам. Масалан, компутарамро таъмир мекунам ё туфлиҳоямро крем мезанам!...

Нафаҳмидӣ, хонанда? Мефаҳмонам: Проблемаи имрӯза ин нест, ки исбот кунем, Худо ҳаст. Дар ин аср дигар касе ба ин шакк надорад. Мушкили башар ин нест. Мушкили одамизода ин ҷост, ки Инсон бояд шуд!!!

Умри худро сарфи авқоти беҳуда накун. Ба чизе, ки бовар дорӣ, боз исботашро ҷустан камолияти хирад нест ва ман борҳо гуфтаам, ки мутаассуф сабаби тормози ҷамъият шудани дини мубини ислом ҳамингуна китобҳо ва шарҳу

тафсироти барзиёди зидду нақизи Қуръонанд. Ин кредои ман аст!...

Вале баргардем сари мушкили миллии хеш-Тарс. Росташро гӯй, хонанда, ҳамин сутурро хонда, натарсидӣ, ки муаллиф куфр гуфтасту ту ҳам шарикгуноҳ гардидӣ? Агар не, хуш бар ҳоли ман, ки аз моӣ! Зеро ман низ мисли ту аз сари Тарс ба Худо эмон наовардаам: Ман аз Муҳаббат, Ишқ, Самимият ба Ӯ эмон дорам, ки маро офарид ва дуи дигар бузургтарин неъмат-Истиқлолият ва Донишам дод! Пас чигуна Ӯро аз Тарс парастам, ки ба пиндори ман чунин эътиқод куфрони неъмат асту бас…

…Аҷуку Буҷук, Деву Даде, ки пушти конверташон адрес ҳам доранд-Кӯҳи Қоф, тарс аз ҳама касу ҳама чиз…инҳо авомили миллатсоз буда наметавонанд. Дар ҳоле, ки Санта Клаус барои атфоли ғарбӣ тавассути мӯрӣ тӯҳфаи милод (рождественские подарки) меорад, 1 бор ба чашми атфолат дида дӯз: Магар дар онҳо тарси Буҷуку Аҷук намебинӣ?!

Биё, хонандаи ин сутур, ақаллан мо, аъзои Ихвон ал СССР, сар аз ҳамин фурсат, Худоро зи сари муҳаббат, на тарс, парастем ва фарзандони худро ба 1 зиндагонии бидуни нишонии Кӯҳи Қофу адресатҳои Аҷуку Буҷукаш тарбият кунем! Агар на ману ту, пас кӣ ин миллатро аз вартаи Тарс мераҳонад? Мо Метавонем!

* * *

# НОШУКРӢ

Ношукрӣ, носипосӣ ва нодиданҳо…аз мушкили вежаи миллати мо шудааст! Дур намеравам барои далел:

-Ҳамин Кохи Наврӯзро дидӣ хонанда???

Аз барои савоб, гӯй, агар онҳоро ҳам дида бошӣ, Кӯшку Коххои Бухорову Самарқанд, ки дар қалби империяи Тоҷикон қомат афрохтаву ҳазорсолаҳо мавҷуд буданд, магар дастобгири ҳамин Кохи Наврӯз мешаванд, ё на?

Ҳаргиз арзиши таърихии онҳоро дар назар надорам. Вале ба 1 далел таваҷҷӯҳ кун, ки амирони сександешаи мо, оре, аккурат, сександеша, ки то 170-200 зан дар ҳарамсарой доштанд, ҳаргиз дар сар сохту сози Коху Кӯшкҳои бузургро напарваридаанд. Зеро аз оғили секс, яъне ҳарамсарояшон бадар нарафтаанд! Ман маъзарат мехоҳам, вале 1 факти таърихиро меорам: Соли 1989 аз Петербург омада, ҳамроҳи собиқ ҳамкурсони тоҷикистониям аз Университети ба номи Ленини Душанбе, ба Панҷакент рафтем. Роҳамон тавассути Самарқанд мегузашт ва вақте ки дӯстони тоҷикистониям бо ваҳ-ваҳу ойу вой қасри Шоҳ, Мадрасаи Шердор, Расадхонаи Улуғбекро тамошо мекарданд, ман дасти таассуф бар сар мезадам, ки эй войи таърихи мо бо ин амирони бебасар! Зеро то ин

дам ман аз Эрмитаж, Петродворец, Царское Село, Қасри Павел, Русский музей, Исааковский собор ва ғ. ва ҳ. дидан карда будам. Бовар кун, хонанда, ки ин кӯшку қасрҳо дастобгири даромадгоҳи ин музейҳои баршумурда намешаванд!

Аврупоро 1 сӯ мегузорем. Қасру Кӯшку Биноҳое, ки Тоҷикони ғосиб (оре, мо барои ҳиндуҳо ғосиб, забткор ва ҷанговар будем ва иддаои фарҳангиву ҷанггурезии мо афсонае беш нест!) баъди забти Ҳинд дар Тоҷмаҳалл, Агра, Деҳлӣ сохтаанд, беназиранд. Маъзарат, аммо «шоҳкориҳои амирони Тоҷики Самарқанду Бухоро» ба саисхонаҳои ин коххо бар намеояд: Касе инҳоро дидааст, бо ман ҳамфикр аст.

Имрӯз бе муболиға метавон гуфт, ки Душанбе беҳ аз 1001 Самарқанду Бухорост! Зеро дигар зимоми вақт ба дасти амирони кӯчиву секспиндор нест! Акнун Тоҷик соҳиби Ватан аст ва Тоҷик месозад: Тоҷик созанда аст!

1 шаб ба сайри Душанбе баро, хонанда ва бо чашми сар бин, ки пойтахти Тоҷикон ба кадом ҳадд зебо шудааст. Маро аз пеши назар ҳич намеравад, ки Назарбоеву Путин, Каримову Атамбаев бо чашмони аз ҳайрат калон воз, ба шукӯҳу шаҳомати Кохи Наврӯз дида медӯхтанд! Ин чист, ки ҳатто президенти Хитойи Бузург ба ин ҳайрати ҳамтоҳои хеш шариктаҳаййур гардидаву тавассути тарҷумон аз Эмомалӣ Раҳмон суол мекард, ки ину он гӯшаи Кохи Наврӯзро чигуна сохтаанд?

Мо тавонистем дар шабу рӯзи баргузории ҷаласаи Созмони Ҳамкориҳои Шангҳай бузургии Тоҷикро исбот созем. Мо тавонистем ба оламиён мужда диҳем, ки новобаста аз блокадаи иқтисодии фалон кишвару фишорҳои асимметриявии бисмадон давлат ва иғвоҳои марзии дигар республикаи «дӯст» Тоҷикистон аз ҳамаи ин давлатҳо зеботар шудааст ва ояндаи дурахшоне дорад!

Оре, хонанда, маҳз мову ту, Тавонистем, зеро мо дар ин додуситадҳо ҳатман паҳлӯи Давлати ҷавон, вале Ғаййуру Бебоки худ қарор доштем! Зеро Мо Метавонем!

Бар нафароне, ки ба ҳама дастоварди Давлати мо, маҳз аз мову ту, хонандаи ин сутур, бо шубҳа менигаранду дар моҳ доғ меҷӯянд, гуфтаниям: Оё метавон виждон дошту… аз ин шукӯҳу шаҳомати Кохи Наврӯз чашм пӯшиду аз дастовардҳо, пешравиҳо, зебоиҳои пойтахт ношукрӣ кард? Бигзор ҳатто чунин бошад! Бигзор ношукрӣ кунанд ва ҳисобу китоб намоянд, ки бо пули ин Кохи Наврӯз чанд беморхонаву мактаб, фермаву колхозу совхоз метавон сохт. Зеро Ношукрӣ мушкили миллии мост. Вале аз 1 чизи дигар ношукрӣ намудан куфрони неъмат аст: Аҳамият додӣ, хонанда, ки президентҳои кишварҳо дар саҳни ин Кох бе телех буданд? Чунин амалро бидуни Аврупо дар ягон кишвари дигар дидан имкон надорад! На дар Амрико, на дар Африқо, не дар Осиё ва на дар маҳдудаи СНГ

чунин амн мавҷуд нест. Инро ман мегӯям, нафаре, ки аз ин қораҳо сафар кардааст. Пас ин чӣ маънӣ дорад?

Инро оромии том ва истиқрори комили Сулҳ дар Тоҷикистон мегӯянд ва агар аз ана ҳамин оромиву амн шукр накунем, пас…магар фарзанди инсонем?

Намакпоснадорро кӯрнамак мегӯянд. Вале оне, ки ин ҳама музаффариятҳои давлатеро, ки на газ дораду на нафт ва на сарватҳои ҳангуфти зерзаминӣ (конҳои беохири тилову нуқра ва ғ. ва ҳ. афсона барои хурдсолонанд!) намебинад, кӯрайнак аст. Пирӯзии Давлати мо дар созандагист! Бурди мо дар сиёсати сараи давлатдории ҳукумати марказист ва инро бояд гуфт. Зеро агар мо садяки конҳои газу нафти Туркманистону Қазоқистон, Ӯзбакистону Русияро медоштем, ҳоло Швейтсарияро низ гузашта будем. Пешравии мо-дастоварди дипломатия аст. Надидану ношукрӣ кардани он, шояд…кӯрақлист, чизе болотар аз кӯрнамакиву кӯрайнакӣ ва носипосӣ.

Бо ин Давлат, Ин Ватан, Ин ҳукумат ва Ин Миллат бояд фахр кард. Ва мо ифтихор мекунем. Зеро мо мардем ва ҷавонмардон ношукр нестанд, зеро Метавонанд!!!!!!!

* * *

## ҲАҶ: АЗИЯТ Ё ТАФРЕҲ? БИЗНЕС Ё МУҲАББАТ?

***Сӯи Макка шайхи уммат Боязид,***
***Аз барои ҳаҷҷи ъумра медавид….***

Ба пиндори сирф инфиродии ман ҳаҷро аз бизнес-ба фарзи Аллоҳ, пиари онро, ки ба даромади молии чанде мусоидат кардааст-ба баландбардории маърифати ҳуҷҷоҷ ва қимори Каъбаро, ки дар он афроде сармоя ғунд меоваранд-ба ҳарамгоҳи тафаккури мусалмонони кишвар бояд табдил кард. Имрӯз ин корро бояд кард, ки пагоҳ дер мешавад, агар нашуда бошад. Зеро саршумори билотасвир болоравандаи ҳуҷҷоҷ дар кишвари мо, мутаассуф, иллати аслии обрӯрезии…ҳоҷиён ва худи ҳамин маъракаи муҳимтарини мусалмонон гаштан дорад. Ин дар ҳолест, ки мо то кунун бизнесро аз ҳаҷ ва бозори шайтанати худнамоишдиҳиро аз хатми 5-умин рукни Ислом фарқ нагузоштаем.

Мардуми мо дар ҳаҷ он қадар азият мекашанд, ки шояд ягон мусалмони олам накашад. Инро ман мегӯям, нафаре, ки бо афроди зойир замоне бо амри Худо ҳамроҳ будаму тақдир лаббайкагӯи даъват Иброҳим кардаам буд. Аҷала нашавед. Сухан сари тафреҳу сохту сози сафари Каъбатуллаҳу Мадинаи Мунаввара

нест, ки Кумитаи дин ин ҳамаро чунон созмон дода, ки аз дигар кишварҳо истироҳату фароғату гашту гирди мо беҳтар асту батар не. Зимнан ба Кумитаи дин, дар ин маврид танҳо мебояд таҳсин гуфт. Баҳс сари дигар чист; сари мушкиле, ки воқеан ҳам мушкили миллӣ шудааст!!!

Дар ҳаҷҷ пиру барно ҷомадонҳои бузурги то 70-100 кг бардошта мегарданд, ки моломол аз тӯҳфаи хитоӣ ба наздикон асту ҳамсоягон ва 100-ҳо литр оби Зам-Зам мекашанд. Кори ҳуҷҷоҷи мо то ҳаддест, ки бештари вақти зойирин дар дӯконҳои Маккаву Мадина мегузарад, ки дар тоату ибодат гузашта бошад ва бешак аксарият дар сар андешаи харидории ину он ҳадя доранд ва сару синаҳоро бештар бо ҳамин пур мекунанд, ки бо тавбаву надомат ғанӣ гардонида бошанд. Вале ин ҳама дар ун ҷост!

Дар Тоҷикистони азиз бошад, фарзандону пайвандони ҳоҷибобову ҳоҷибибиҳо дар тӯли ин вақту замон аз бозорҳои маҳаллӣ тасбеҳу атри бадбӯи хитоӣ, маъруфтар ба «духии ҳоҷиён», ҷойнамозҳое бо ана ҳамон шаклу шамоили каллаи хук (наъузамбиллоҳ), ки дар борааш мо навишта будем, тоқичаҳои сафедаки чиноӣ, ки камарзишу бадсифаттаринанд…мехаранду захира мекунанд, то тӯҳфаи ҳоҷӣ нарасид, инҳоро бароранд. Магар ин фиреб нест? Оре, мо метавонем ба чашми ҳамсоягон ва хешу ақрабо хок пошему гӯем, ин ҳамаро ҳоҷӣ аз Маккаву

Мадина овардааст, вале магар ин афераи мо назди Худо ошкор нест?

Тасаввур кун, хонанда, ки ҳоҷии ба тозагӣ аз Хонаи Худо баргашта, соатҳои аввалини будани худро дар Ватан бо фиреб шуруъ мекунад! Магар фиреби 1 ҳамсоя, 1 хеш беҳтар аз онест, ки дар ғазаб гирифтор шавем? О, ҳоҷӣ, ки шудем, ақаллан чаро намегӯем, ки ин обе менӯшед, оби софи Зам-Зам нест, оби маҳаллӣ изофааш кардаем?! Чаро намегӯем, ки ин тӯҳфае, ки гирифтеду ба чашм мемоледу рост истода, чун ҷоизаи олимпӣ аз Маккаву Мадина қабул мекунед, ҳамин ҳоло аз Корвон омадааст? Чаро намегӯем, ки ҳатто аз Хонаи Худо тӯҳфа ҳам омада бошад, моли тозаи давлати буддоист??? Дурӯғе, ки ҳуҷҷоҷ оғоз мекунанд магар подоши баде дар пай надорад? Ҳоҷие, ки соатҳои нахустини худро дар Ватан-ш бо дурӯғ, фиреб шуруъ кард, магар дар оянда ҳаққу ҳуққи бардошти часпаки «ҳоҷӣ»-ро дар насаб дорад? Сари ин муаммо бояд фикр кард, мардум!

Ҳоло перомуни ришваву пора дар роҳи ҳаҷ…нагуфтаем. Ва оё ҳоҷие ҳаст, ки гӯяд бидуни фасод ба матлаб расидааст? Яъне бе ришва, бе пораю бе тағо, бе миёнарав…ҳаҷ рафтааст? Намегӯям инчунинҳо нестанд. Аммо талошҳои сол дар 12 моҳи апаи Гулчеҳра, фурӯшандаи газетаи СССР-ро дидаву шубҳа меорам, ки ҳама ҳуҷҷоҷ бо навбат рафта бошанд (Воқеан муҳаббати апаи Гулчеҳра ба Каъбатуллаҳ ба

ҳаддест, ки ин бандаи пургунаҳ боре ҳатто хоб дид, ки апаи мо ҳаҷ гузоридааст!).

Дигаронро намедонам, вале дар маросими ҳаҷ шахсан дари маро борҳо кӯфтаву ваъдаи инъом кардаанд, то миёнчигарӣ кунаму онҳо ба ҳаҷ раванд. Ба онҳо мегуфтам ва ба ту ҳам мегӯям, хонандаи ин сутур: Зинҳор тавассути фасод роҳи васлат бо Худои худро наҷӯед. Бигзор, тавре ки ун муддаиён мегуфтанд, «бе ин намешавад»; бигзор нашавад, вале бо гуноҳ, ҷурм, ҷиноят, яъне «через» ва ришва сӯи Ӯ машитобед!

Дар охир агар дар бораи бизнеси ҳуҷҷоҷ нагӯям, чизе нагуфта бошам. Ҳоҷибобоҳои мо дар Мадина бештар бо асалфурӯшӣ машғуланд. Шояд хароҷоташонро мебароранду хуб коре ҳам мекунанд. Вале ба пиндори ман, вақте хонаи Ӯ меравем, набояд дар сар фикри хонаи худро дошта бошем. Эмонат(м)онро асалин кунед, моҳи асал бо Худои худ гузаронед ва ин беҳтар аз онест, ки асал фурӯхтаву коми тамаъ ширин карда бошем(д). Ин фикри сирф инфиродии ман асту онро сари касе таҳаммул намекунам.

Ва аз ҳама охир: Вақте ки мо аз ҳаҷҷи ъумра бармегаштем, аксарияти ҳоҷиёни поку софи мо…дар Дубай фаромаданд. Чун сабаб пурсидем, гуфтанд, молу ашё барои бизнес гирифта, сипас ба Ватан бармегарданд, то харҷи сафарро пӯшонад!…

…Худо ҳаҷҷи ҳамаи моро қабул кунад ва хонандаи ин сутурро лаббайкагӯи Иброҳими ҳаниф гардонад. Омин!

* * *

## ҚАСАМ, ҚАСАМ, ҚАСАМ…

***Мехӯрд падар барои фарзанд,***
***1 не, 2 не, 1000 савганд…***

Ба номи Аллоҳ! Худо занад! Очаи дурӯғгӯ… Модари дурӯғгӯя… Зани дурӯғгӯ талоқ, Хонаи дурӯғгӯ ҳаром, Авлоди дурӯғгӯро тамоми Душанбе…

Маъзарат, ҳарчанд медонам, луғати савганди миллӣ хеле дуру дароз аст, бо ҳамин иктифо мекунам. Зеро, ман аслан савганд намехӯрам ва фарзандонамро низ чунон тарбият кардаам, ки ҳаргиз қасам нахӯранд. Зеро он нафаре қасам мехӯрад, ки худ дурӯғгӯст ва бовар дорад, ки ба ӯ бовар надоранд; ин кредои ман аст!

Аслан миллате, ки зиёд қасам мехӯрад, дурӯғгӯст! Мутаассифам, аммо ҳақиқат ҳам ин аст, ки гуфтамаш. Ҳаргиз миллати худро аз дигар қавму қабоил паст нагузоштаам, нахоҳам гузошт. Вале агар камбуди миллат, проблемаи миллатро ману ту нагӯем, пас кӣ мегӯяду ислоҳ месозад, хонанда? Мо бояд дардҳои худро ташхис кунем ва диагноз гузорем. Зеро то дард мушаххас нест, шифояш мушкил аст.

Ба гунаи мисол, савганди русӣ хеле каму сода аст. Дар маҷбурӣ «клянус» мегӯянд, бештар бо «честное слово» иктифо мекунанд. Ва биоед

мардона иқрор шавем, ки русҳо ҳарчанд 1001 иллати дигаре беш аз мо дошта бошанд ҳам, вале нисбат ба мо ростгӯтаранд, ростқавлтаранд. Кори мо то ҷоест, ки агар 1 Тоҷики ростқавлу поквиждонро бинем, ӯро «русишуда» муаррифӣ мекунем…Ҳарчанд ӯ Тоҷиктарин Тоҷик аст.

Қасам дар миёни аврупоиву амрикоиҳо умуман тухми анқост. Лексикони онҳо усулан ин вожа (sworn)-ро тақрибан фаромӯш кардааст. Зеро ҷои савгандро кайҳо виждон (shame) гирифтааст. Барои мисол, дар мавриде ки 1 Тоҷик аз гумшавии билети набудааш ҳазор қасам мехӯраду худаш ва кондуктор медонанд, ки дурӯғ гуфта истодааст…1 амрикоиву аврупоӣ бе билет аслан савори нақлиёт на-ме-ша-вад; ҳарчанд дар он давлатҳо контролер нест!

Ягон фурӯшандаи амрикоиву аврупоӣ, ки дар 200 сол рӯи калисову куништро надидааст, ҳаргиз дар идҳои масеҳӣ нархномаашро тариқи сунъӣ боло намебардораду бо Исову Бог савганд намехӯрад, ки бо иллати барои ӯ тамоман номаълум гӯиё арзишҳо боло шудаанд. Аммо савдогар-ришдарозакони мо, аз намози ҷумъа баргаштаву 1001 қасам ба номи Аллоҳу Қуръон ва зану фарзанд хӯрда, моро фиреб медиҳанд!

Қасам дар шарёни мо роҳ бурдааст. Қасам дигар мизони виждон, тарозуи адл ва ъиёри имони мо нест. Зеро қасам хӯрдаву дурӯғ мегӯем.

Пиндори мо дурӯғин, ки шудааст, фикр дорем, ҳама дурӯғ мегӯянд. Кори мо то ҷоест, ки

аксарияти кулли раисону вузаро ва вакилон бояд ҳатман «Бо шири модар» ва «Қуръони Маҷид» қабл аз таъин ба ину он вазифа қасам бихӯранд. То ҳанӯз мо ба Сарқонун-Конститутсияи худ, ки асоси ҷомеаи мост, бовар надорем: Ба чизе бовар надорем, ки бояд болотар аз ҳама муқаддасот бошад. Зеро маҳз рӯи он мо Давлат, Миллат ва Ояндаи худро сохта истодаем!!!

Вале ин ҳам дарди ба хайре мебуд, агар савганд ба муқаддасоти инсониву исломӣ садди роҳи пешаи миллии мо-дурӯғгӯӣ мешуд. Хайр, бо шири модару китоби Худо савганд хӯрд(ем)анд! Баъд чӣ? Оё ҳаминҳоро сипас бо 1001 иллати duздиву ришваву фасод аз кор намеронем? Ещё как меронем!

Муллоҳоямон оё савганд намехӯранд? «Сари дурӯғгӯ фардо рӯзи қиёмат сари хук гардад» (агар сахт мехоҳанд боварашон кунем, ки дурӯғ намегӯянд), «Фардо рӯзи қиёмат ба ҷои хоҳарам хезад» (агар мехоҳанд исбот кунанд, ки муносиботи маҳрамона бо ин индивид надоранд), «Эмони дурӯғгӯ аз кофарон» (агар мехоҳанд бовар кунем, ки рост мегӯянд)…ин феҳрист аз ангуштшумор савгандҳои мазҳабии моанд, ки ман медонам. Бовар дорам, ту, хонанда, оре, маҳз туе, ки ба худ суол мегузорӣ, «Сайёф маро низ дар назар дошта бошад?», ин сутурро хонда, даҳҳо қасами «миллӣ»-и дигар аллакай ёфтаву таки дил такрор кардаӣ…

Пас, оё рост нагуфтам, ки миллати дурӯғгӯ шудаем? В-арна ин қадар қасаму савганд аз куҷост?

Мо ҳатто дигар дар суруду тарона қасам, қасам, қасам…мехӯрем, ки Ватанамонро дӯст медорем. Ҳарчанд ҳубби ватан бояд гӯшае аз имон бошаду ба савганд ягон часпише надорад. Аммо мо қасам мехӯрем! Қасам мехӯрем, зеро бовар дорем, ки то савганд нахӯрем, касе ба муҳаббати мо, садоқати мо, рафоқати мо бовар надорад. Ва дар таки дил медонем, ки охир … дурӯғ гуфта истодаем…

Stop! Ана ҳамин аст виждон. Ӯст, ки то ҳанӯз таки дили мо маскан гузидаву моро раҳо накардааст. Пас ҳоло роҳи наҷот ҳаст ва аз ин бумбаст умеди раҳоӣ дорем. Қадами №1 дар ин гирудор бояд тарки қасам гардад. Савганд (а, ту чӣ фикр карда будӣ, бе ин дигар намешавад), ки сар аз ҳамин рӯз қасамхӯриро бас мекунем, ҳатман ростгӯву ростқавл ва вораста мегардем. Зеро Мо Миллати фарҳехта ва ворастаем ва Мо Метавонем!

* * *

## ДИН ПОКИЗАГИСТ!

### Ад дину ан назофату…

***Ман агар некаму гар бад, ту бирав, худро бош,***
***Ҳар касе он даравад, оқибати кор, ки кишт…***

**Ҳофизи Шерозии Тоҷик**

Ростӣ, замонаи мо давроне шудааст, ки мӯҳри лаънату тамғаи куфр аз осмонҳо ба дасти заминиён уфтодааст. Ва акнун дигар номаълум шуда, ки Кӣ моро бояд дӯзах партояду ким биҳишт барад!!! Воъизон ба ҳадде бар боваранд, ки худу тарафдоронашонро ҳатман биҳишт мекашанд, ки ту гӯӣ, кибри иблис алайҳилаъна пеши такаббури инҳо фулусе беш нест…Оқибати ҳамаи мо ба хайр бод!

Бо ин ҳама, чун СССР аз мактаби Саъдиву Ҳофиз, Хайёму Соъиб, Саноиву Аттор, Ҷомиву Дониш…бархурдор аст, ҳаргиз аз ин турфа мардум намеандешад ва талош дорад, дар ин ҷаҳоне, ки бузургришон барои мо ҷаҳаннамаш кардан доранд, нуре биафканад. Яъне бояд навишт!

Банда чанде муқаддам сафари Чини Буддоӣ доштам. Усулан Чин давлати буддоӣ низ нест.

Давлати бехудоист! Ин нуктаро сареҳатан масъулин мегӯянд. Зеро ишон пайгири Марксанд ва Коммунист. Таври маълум марксизм-атеизм аст. Аммо бо ин ҳама коммунистони Хитой ба тақвову диндорон имтиёзотеро қоиланд: ҳама адён ва ҳама мазоҳиб иззат гузошта мешавад…аммо динҳо (ислом, буддизм, даотсизм, конфутсизм, католитсизм, православизм, фетишизм ва санампарастӣ-бутпарастӣ) аз давлат ҷудоянд. Вале ин ҳамаро 1 нуктаи бисёр нозуку нафис ба ҳам мепечад:

Тозагӣ!!!

Тозагие, ки мутаассуф, дар олами ислом ва миёни мо мусалмонон аслан вуҷуд надорад! Ман бисёр кишварҳои исломиро дидаам ва сареҳатан мегӯям, ки дилхоҳ кӯчаи Пекин аз маркази…(маъзарат, аммо воқеият ин аст!) Шаҳри Макка покизатар аст! Ва дилхоҳ бутпарасту буддой, бештар аз дилхоҳ ҳоҷии ин Хонаи муқаддастарини қудсӣ аз покизагӣ ва озодагӣ, ки атрибутикаи асливу усулии Ислом аст (Ад дину ан назофату!), арҷ мегузорад.

Ҳоҷиёни гиромии мо, ки ҳамин ҳоло ин сутурро хондаву гиребон гирифтаву тавба кардан доранд, худ гувоҳ чӣ, ки дастандаркоранд ва медонанд, ки Маккатуллаҳ то кадом ҳадд ғажд аст. Инро барои он намегӯям, ки миёни атеизму буддизм ва ислом параллел гузорам; ин ҳақиқати талхро аз сӯзиши эмон мегӯям!!! Зеро агар бехудое, будпарасте чунин назиф аст, пас вoйи

мо-мусалмононе, ки пайваста шаҳру кӯчаҳоямонро ғажд мекунем.

Дур намеравем; худи ту, хонандаи ин сутур, оре, маҳз туе, ки бовар надорӣ, ман ба ту муроҷиат дорам, ҳамин ҳоло ба кӯчаи шаҳрат барову бо чашми ибрат бин, ки чи қадар хиёбону паскӯчаҳоеро, ки пайваста мақомоти ҳукуматӣ поккорӣ мекунанд, бо семичкаву нос-атрибутикаи аслии мазҳабиямон (!!!) полуда месозем… Муҳим нест, ки маҳз ту нос намекашӣ; ман низ намекашам ва ман низ мисли ту семичка намехоям…аммо боре ману ту садди роҳи носкашу семичкахоягон гаштаем? Ҳаргиз на! Зеро фикр дорем, ки ин кори мо нест. Ҳарчанд ҳушдори пайғамбар дорем, ки «Ад дину ан назофату».

Кош семичкаву нос охири кор мешуд. Занҳои мо, духтарони мо, фарзандони мо пайваста роҳу ҷодаҳоро таҳқир мекунанд ва мо фикр дорем, ки ин кори мо нест. Бояд ҳукумат кӯчаҳоро поккорӣ кунад. Ин дар ҳолест, ки дилхоҳ марксист ва ё буддоӣ ҳатман шуморо нигоҳ доштаву маҷбур хоҳад кард, ки мусори партофтаатро аз замин бардорӣ! Инро мушкили ҷамъиятӣ, адаби коллективӣ мегӯянд ва таъсираш басо нишонрастар аз ҷаримаи расмист. Ана ҳамин коллективизм аст, ки 1,5 миллиард одам…шаҳри худро тамиз медоранд. Танҳо 1 бор тасаввур кун, хонанда, ки агар шумори мо-Тоҷикон 1,5 миллиард мешуду ҳама носбадаҳону

семичкахой мебудем…ҳоли шаҳру деҳоти мо чӣ мешуд?!

Мутаассуф, носу семичка, пӯчоқи конфету селофану бақлашка ба проблемаи ҷиддии миллӣ табдил ёфтаанд. Носфурӯшон, ки аз ҳисоби сарвати бидуни андоз (аҷиб аст, беваҳое, ки дар сари кӯча кӯҳнафурӯшӣ мекунанд, андозбандӣ мешаванду носфурӯшон, ки миллионҳо доллар фоида доранд, на!) дар шаҳру деҳоти кишвар коху кӯшкҳои шоҳона месозанд, доғи рӯзгору тамаддуни мо шудаанд! Зидди кӯшкҳои ишон нестем. Аммо чаро бояд ин қасрҳо бар ивази расвоии шаҳру ҷодаҳои мо сохта шаванд?

Ҳоло мо покизагии зоҳирии шаҳрҳоро гуфтем. Аз барои савоб, намуди зоҳирии ба ном мусалмонони имрӯза, бо ришҳои титу парешу бе тартиб, почаҳои калта ва эзорҳои паштунӣ, ки ба таъбири Сафват мисли матоъи сурх буққаҳои НАТОро мешӯронад, ба кадом талаботи ислом посухгӯст?

Мо бояд ҳамеша ва пайваста омӯзем. Ақаллан покизагии зоҳириву ботиниро аз ҳамин хитоиҳо ёд гирем. Омӯхтан зарар надорад. Фаромӯш накунед, ки Шақиқи Балхӣ-ҳуҷҷатулислом ва шайхурраиси мазҳаби мо тасаввуфро маҳз аз 1 бутпарасти хитоӣ омӯхта буд. Вале ин тамоман мавзуъи дигар аст.

Мо Метавонем!

* * *

## РОҒУНРО МЕСОЗЕМ!!!

5.12.2014. Истанбул. 4 кишвар-Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон зери қарордоде имзо гузоштанд, ки дар Осиёи Марказӣ эраи нав-асри энергияи обиро бунёд гузошт. Тибқи ин қарордод 2 кишвари истеҳсолгари барқи обӣ (Тоҷикистону Қирғизистон) тавассути Афғонистон ба Покистон беш аз 1000 Мгвт барқ интиқол медиҳанд. Гуфта мешавад, ки бо ҳамин кишварҳои соҳиби об ва давлатҳои ниёзманд ба электроэнержӣ қадами нахустин ва устуворашонро дар роҳи Бунёди лоиҳаи CASA-1000 гузоштанд. Тибқи ин лоиҳа, ки бо маблағи 526,5 млн доллари амрикоии Бонки Ҷаҳонӣ то соли 2018 сохта мешавад, 1300 Мгвт қувваи барқ бояд ба фурӯш гузошта шавад. 70% аз ин барқро Тоҷикистон мефрӯшад ва 30% бар дӯши Қирғизистон рост меояд.

Коршиносони «мустақил», вале ҳангомаҷӯй, аллакай мардумро метарсонанд, ки бо рӯи даст гирифтани ин лоиҳа, аҳолии Тоҷикистон, ки бо иллати аз «Ҳалқаи ягонаи электроэнержӣ» бадар шудани Ӯзбакистони ҳамсоя солҳост, дар режими шадиди лимити барқ қарор дорад, боз ҳам гирифтори бӯҳрони умқтари электроэнержӣ хоҳад шуд. Вале дар асл чунин нест. Баракс, CASA-1000 ягона роҳи раҳоӣ аз вартаи бӯҳрони

барқист. Зеро тавассути ин хатти баландшиддат бояд Тоҷикистон барқи Роғунро фурӯшад!

Зимнан, дар ҳоле, ки Роғун сохта мешавад ба хатти параллел CASA-1000 аз ҳисоби 45 млн доллар гранти Бонки Ҷаҳонӣ (барои дохили хоки Тоҷикистон) бунёд хоҳад ёфт. Оғози сохтмони CASA-1000 аз ҷониби ҳукумати Тоҷикистон қобили таҳсин аст. Зеро тибқи масали «Илоҷи воқеа қабл аз вуқуъ» кишвари мо то сохтани Роғун аллакай хатти ҳамлу нақли арзонтарин, босифаттарин ва бехатартарин қувваи энержиро дарёфтанист. Чунки баъди бунёди НБО Роғун дарёфти харидор ва бозори қувваи барқи обӣ дар қораи Осиё мушкилтар мешуд.

Ба гунаи мисол, ҳамасола Тоҷикистон, боз ҳам бо иллати аз «Ҳалқаи ягонаи пасошӯравии барқ» бадар шудани Ӯзбакистон ва гусастани ин хатти баландшиддат, ҳамасола 100-120 млн доллар зиён мебинад! Ин омори ҳавоӣ нест. Кишвари мо бо иллати набуди бозори фурӯши барқ ва дар ҳалқаи инзивоъи иқтисодӣ ҷо гирифтанаш (гусаста шудани Ҳалқаи ягонаи энергии пасошӯравӣ) ҳамасола дар фасли тобистон маҷбур аст, аз обанборҳояш оби ба нархи тило баробарро беҳуда сар диҳад. Ин оби «холостой» воқеан ҳам оби тилоист. Ба гунаи мисол, дар соли 2013 ин оби «холостой» ба буҷаи кишвари мо 120 миллион доллар зарар овард! Ба забони дигар, бо ин об метавон ба ҳамин маблағ қувваи барқ истеҳсол карду фурӯхт. Ин дар

ҳолест, ки Туркманистону Қазоқистон ба ҳамин барқ ниёз доранд. Вале тавре ишора шуд, бо сабаби бадаршавии якҷонибаи Ӯзбакистон, ки воқеан ҳам аҳолияш ба ҳамин барқ ниёз дошту дорад, бозори фурӯши тобистонаи барқи мо ба таври сунъӣ пӯшида шудааст.

Ҳамакнун интизор меравад, ки дар фасли гармо (бидуни НБО Роғун низ!) Тоҷикистон метавонад, ҳамин миқдор барқро ба Покистону Афғонистон фурӯшад.

Ин ҳам дар ҳолест, ки Покистон воқеан ҳам ба энергияи барқӣ ниёз дорад. Зеро даҳҳо миллион аҳолии кӯҳманзари ин давлати исломӣ то ҳанӯз хатти барқ надоранд, зеро ин давлат барқи кофӣ надоштааст. Афғонистони ҳамсоя низ ҳамасола ба 300 Мгвт қувваи барқ ниёз дорад, ки бо рӯи кор омадани Роғун хостаҳои аҳолии ҷангзадаву азияткашидаи ин давлати ҳамсоя ва ҳамзабон бароварда мегардад. Болотар аз ин: Соҳиби барқ шудану ба олами расонаӣ пайвастан метавонад ба Афғонистони умре дар ҷанг дармонда…Сулҳ оварад. Зеро мардуми куллан дармонда, соҳиби иттилоот мегардаду аз олам бохабар…

Яъне чӣ? Яъне сохтмони Роғун на танҳо бар суди давлати мост; Роғун даҳҳо миллион мусалмонтаборони Афғонистону Покистонро бо содатарин қувваи энержӣ таъмин хоҳад кард; Роғун метавонад ба Афғонистон сулҳ орад, чизе, ки НАТО, Амрико ва муттафиқини аврупоияш

натавонистанд диҳанд; Роғун метавонад ба кӯҳистони Покистон бо барқ сивилизатсия ораду оламро аз макони террорхез озод созад!!! Зимнан сохтан ва ба истифода додани Нерӯгоҳи Барқи Обии Роғун талаби замон ва хости Худост. Ва ҳар нафаре, ки зидди ин сохтмони аср буду ҳаст, бояд донад, ки зидди хостаи Худовандист.

Дар қораи Осиё бархе аз кишварҳое, ки давову дағои оқибатҳои нохуши Роғуни Тоҷикистону Ҷамбаротаи Қирғизистон доранд, бояд 1 ҳақиқати кӯчакро дарк кунанд, ки далелҳои ишон сари мӯе арзиши иқтисодиву иҷтимоӣ надорад. Хостаи ишон чист? Оби бе дарди миён ва «холостой». Табиист, ки мо ин обро ҳатман ба онҳо ройгон медиҳем. Аммо танҳо баъди оне, ки онро дар истеҳсоли барқ харҷ месозем. Воқеан ҳам проекти CASA-1000 содатарин далел дорад: барои роҳандозии он бояд мо бештар барқ истеҳсол кунем. Баркро бошад бо об истеҳсол мекунанд. Обе, ки сӯи кишварҳои поёноб ҳатман бештар хоҳад шорид…

Роғунро бояд сохт ва мо онро месозем! Ва таваҷҷӯҳ кун, хонанда, бо кӯмаку дастгирии пуливу молии Бонки Ҷаҳонӣ ва тибқи лоиҳае, ки ҳамакнун рӯи он 4 кишвари қораи Осиё-Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон имзо гузоштаанд. Зеро Роғуни Тоҷикон наҷотбахши Шарқ хоҳад шуд. Мо Метавонем!

* * *

## ТЕРРОРИ ҒУРУР

Ин матлаби мақтаист зери ин рубрика. Зеро бештар аз ин гуфтан дар ин самт, пургӯист. Ҳар чӣ буд гуфтем, илло ана ҳаминро, ки хоҳам гуфту навишт…

Дар тӯли 100 соли ахир бузургтарин терроре, ки бар сари миллати мо карданд, ин ҳам он буд, ки моро террори Ғурур намуданд. Самарқанду Бухоро-марказҳои маънавии моро барои абад маҳв сохтанд, то ғурури мо шикаста гардад. Имрӯз ба назар мерасад, ки ин террор давом дорад…

Румиҳо барои шикастани пурраву бебозгашти Юнони қадим коре карданд, ки на Доро карда тавонисту на Ахиллес ва на Искандари Мақдунӣ. Румиҳо Олимпиадаро байнулмилалӣ карданд!

То ғасби румиҳо Олимпиада дар тӯли садсолаҳо сабқате буд, ки дар он танҳо ЮНОНӢ метавонист ширкат варзад. Олимпиада барои дигар ақвом орзуе беш набуд ва бузургтарин намояндаи дигар миллатҳо метавонистанд ба ҳайси тамошобин дар он ширкат дошта бошанду бас. Аммо қайсарони зираки Рум дарёфтанд, ки решаи ғурури юнонӣ, ки ҳама вақт дилхоҳ ғосибро варшикаставу аз ватан пеш мекард, ана ҳамин Олимпиада аст ва онро дастраси умум

карданд. Яъне ифтихороти юнониҳоро маҳв сохтанд! Баъди байналхалқӣ кардани Олимпиада то имрӯз Юнон аз заъифтарин давлатҳои Аврупо ба шумор меравад…

Мо бошем аз статуси байнулмилалӣ гирифтани Наврӯз шодем! Оё боре ба худ суол додаӣ, хонанда, ки чаро лагандбардорони араб маҳз сӯи Наврӯзи Тоҷикӣ шӯридаанд? Зеро аъроби ғосиб дар тӯли 1400 сол натавонистанд бар ин миллат мусаллат шаванд! Мо дини мубину поки Муҳаммадро қабул кардем, вале вобастаи арабҳои бадавии ғосиб намондем. Садди ин таслими комили Тоҷикон НАВРӮЗ буд. Ин аст, ки машинаи таблиғотии панарабӣ, ки ба ислом ҳич иртиботе надорад, тӯли 14 сада бо Наврӯз ҳарб мекард: бе натиҷа.

Вале кореро, ки аъроб натавонист, пантуркизм кард. Инҳо тавонистанд, ба оламиён «исбот» кунанд, ки Наврӯз байналхалқист, на аз они 1 миллат ё қавме. Наврӯзи Ориён бо ташаббуси худи мо, кафкӯбии беохир ва шодиву нишоти бепоёнамон…байналхалқӣ шуд. Бо ин «дастовард» мо ғурури хунии худро дар генҳои ориёиямон куштем!!! Пантуркизм тавассути СММ (Созмони Милали Муттаҳид) ва Сандуқи фарҳанги ин созмон мавсум бар ЮНЕСКО коре кард, ки решаҳои ғурури мо дар шарён буррида шуд. Ин бузургтарин террори Ғурури миллат буд!

Туркия барои шикасти ғурури Аврупо Қунстантания-дили Аврупоро забт, мусаххар ва

аз они худ кард! Бо ҳамин императорҳои усмонӣ Аврупоро шикаст доданд. То ин дам ҳамеша Аврупо зидди туркони усмонӣ меҷангид. Вале чун ғурураш шикаста шуд, хомӯш монд. Ҳамин туркҳои усмонӣ барои шикасти ғурури араб чанд садсола Маккаву Мадинаро забт карданд! Пас аз ин нокомӣ араби бе ғурур лашкари парокандаеро мемонду мемонад, ки то ҳанӯз зери мушаку бомбаи дигарон қарор дорад.

Яҳудони зирак ғурури арабро комилан шикастанд, чун Замини Муқаддасро гирифтанд ва Масҷидулақсову Санги муаллақро аз худ намуданд. Ва ин ки дар ҷанги 6-рӯза араб шикаст хӯрд, натоиҷи набуди ана ҳамон ғурури миллист. Ин танҳо беғуруронии мо думболаи ин қавм мераванду фикр доранд, ки мусалмонӣ подхалимии араб аст. Барои дигар ақвом араб қавми бидуни ғурур ва адамушшараф аст.

Русҳои ғосиб низ маҳз ба хотири шикасти Ғурури Миллати мо Самарқанду Бухороро гирифтаву нисори ӯзбекҳо намуданд. Бегонапарастии мо аз ана ҳамин ҷо маншаъ мегирад. Вагарна ин қадар, ки афғонҳоро кӯфтаву куштаанд…бояд беғуруртарин қавм инҳо мебуданд. Вале чун Кобули ишон маҳфуз аст, ғурурашон побарҷост. Мисле, ки асрҳои аср муғулҳои мусалмон ҳокими Ҳинд буданду сипас 2 садсола ин кишвар колонияи Англис шуду новобаста аз ин, давлати ҳиндуҳо имрӯз шарафмандона пеш меравад, сабаб дорад;

Ҳиндуҳо Деҳлии худро бо Аграву Тоҷмаҳал-дили миллат ҳифз кардаанд!

Моро тӯли 70 сол дар маҳдудаи беғурурӣ тарбият менамуданд ва мо бовар мекардем, ки ғурур надорем. Зеро нуқтаи тамаркузи Ғурури Миллӣ надоштем! Мо бовар мекардем, ки меҳмоннавозу бегонапарастем; бовар доштему дорем, ки ӯзбеку турку муғулу русу амрикоӣ беҳтар аз Тоҷиконанд: бовар доштему дорем, ки Ғурури кӯдак на аз гоҳвора сар мешавад, ки сипас хоҳад омад. STOP. 1 мисол биоред, ки кӯдаке то 7 солагӣ тарсу, бешарафу бе ғурур буду сипас одам шуд?! Намеёбед чунин нафарро. Зеро Шахсият то синни 7 шакл мегирад, сипас мукаммал мегардад!

Пас чӣ бояд кард? Душанберо маркази Ғурури Миллӣ қарор бояд дод. Ва агар худое накарда, ҳодисае рух дод, мисли соли 1992 ба Хуҷанду Кӯлобу Помиру Рашти худ набояд гурехт. Ғурур ин ҷост! Муттакои миллат Ғурури миллист. Бо такя бар ғурури миллӣ-Душанбеи азиз, атфоли худро тарбияти нав диҳед, тарбияе, ки моломол аз ғурур бошад. Тарбияте, ки кӯдаки шумо аз гастербайтер-ғулом будани мову шумо ор кунад, на фахр. Зеро то ин ғурур несту ӯ аз нони гандидаи ғуломӣ ор намекунад, ғулом калон мекунем (д), на ШАХСИЯТ.

Мо Метавонем!

* * *

## МУНДАРИЧА

Пешгуфтор........................................................ 3
Нома ба ҳамсолам Дмитрий Медведев.......... 5
Открытое письмо моему сверстнику,
Дмитрию Медведеву.................................10
Шовинизм ва миллат ................................ 19
Хатои Низомиву Ҷомӣ ислоҳ шуд ................ 23
Методи яҳудӣ ............................................ 27
1 +1 =2...2х2 = ?.......................................... 31
Таоруф, таассуб ва ҷиҳод ............................ 35
Қувваҳои марказгурези тоҷик ...................... 39
Қувваҳои хушбахтӣ сабаби бадбахтиҳои
мост...............................................................43
Оптимизм ва парадокс ................................. 47
Мазҳабҷанг моро дар пеш аст...................... 51
«Руки прочь от Армии!» .............................. 55
Вақте ки Вазорати маориф зидди маорифи
миллист...........................................................59
Ҳалолу ҳаром ................................................ 63
Ҷанг ва сулҳ .................................................. 67
Гимни онҳо ва аз мо .................................... 71
2х2=1............................................................ 75
Тафаккури ҷамъияти мо башар аз ҳазораи
қаблист...........................................................79
Аз Гарсеваз то мулло Абдулло ...................... 83
365-5=365........................................................ 87

Андешаи тарс ва тарси андеша ........................ 91
Ношукрӣ ........................................................ 95
Ҳаҷ: азият ё тафреҳ; бизнес ё муҳаббат ........... 99
Қасам, қасам, қасам ........................................ 104
Дин покизагист ................................................ 108
Роғунро месозем!!! ........................................... 112
Террори ғурур................................................... 116

# САЙЁФИ МИЗРОБ

# ТЕРРОРИ ҒУРУР

**(ба забони тоҷикӣ)**

**Муҳаррир – Умари Шерхон**

**Муҳаррири техникӣ – Ҷартиев ШШ.**

**Тарроҳ – Руқиябонуи Зарифӣ**

**Мусаҳҳеҳ – Шаҳрзоди Амин**

Ба матбаа 18.04.2016 с. супорида шуд.
Ба чопаш 23.04.2016 с. имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсетӣ.Чопи офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 5,5. Адади нашр 500 нусха.
Супориши № ……………

Дар матбааи ҶСК **«Матбуот»** чоп шудааст.
734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37